**Шартномаи оммавӣ (Оферта) барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии ҶСП ТАҚХ “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ”**

## Мундариҷа:

1. Фасли 1. Истилоҳот ва мафҳумҳо........3
2. Фасли 2. Муқаррароти умумӣ........5
3. Фасли 3. Кушодани суратҳисоб ва хизматрасонии ҳисобӣ–хазинавӣ........8
4. Фасли 4. Шартҳои қабули пасандози муҳлатнок........12
5. Фасли 5. Шартҳои пешниҳоди қарзи хурд ........15
6. Фасли 6.Хизматрасонии қарзии овердрафт........22
7. Фасли 7. Хизматрасонӣ ба дорандагони кортҳои корпоративӣ........25
8. Фасли 8. Ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо воситаҳои электронии пардохтӣ........31
9. Фасли 9. Хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифода аз низоми «Интернет бонк»........37
10. Фасли 10. Ҳолатҳои ғайричашмдошт........42
11. Фасли 11. Шартҳои дигар........42

# Шартномаи оммавӣ (Оферта) барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

Шартномаи оммавӣ (оферта) барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» (минбаъд – дар матн Шартнома) байни ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ", ки минбаъд дар матн "Ташкилот" номида мешавад, ба доираи номуайяни шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод карда мешавад, ки минбаъд дар матн "Мизоҷ" номида мешаванд, дар якҷоягӣ "Тарафҳо" ва дар алоҳидагӣ "Тараф" ном бурда мешаванд, оид ба истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии Ташкилот бо шартҳои зерин мебошад:

## ФАСЛИ 1. ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲО

**Амонат** – маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудааст;

**Амонатгузор/Мизоҷ –** шахси ҳуқуқӣ ва ё Соҳибкори инфиродӣ, ки бо ба имзо расонидани Ариза-Дархост мехоҳад, ба Шартномаи мазкур ҳамроҳ шавад;

**Аксепт** – розигӣ. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад, лаҳзаи қабули шартҳои Аксепт ҳангоми розигӣ бо оферта эътироф карда мешавад.

**Ариза-дархост** – дархости ҳамроҳ шудан ба Оферта ва бастани шартномаҳои алоҳида, ки шакли он аз ҷониби Ташкилот муқаррарар карда шудааст.

**Авторизатсия** – тартиби тасдиқ намудани ваколатҳои Дорандаи корт аз ҷониби Ташкилот барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ;

**Банкомат** – маҷмааи барномавию техникии электронӣ, ки ба Дорандаи корт барои гирифтани пули нақд ва истифодаи хизматрасониҳои дигари Ташкилот бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ, имконият медиҳад;

**БМТ** – Бонки Миллии Тоҷикистон

**Бароришикорт** – фаъолияти Ташкилот оид ба барориши кортҳои пардохтии бонкӣ.

Пардохти иловагӣ – пардохте, ки баъди пардохти асосӣ аз ҷониби Амонатгузор/Мизоҷ ба суратҳисоби пасандозӣ ворид карда мешавад;

**Дорандаи корт** – шахси воқеӣ ё шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси шартномаи пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад ва инчунин корманди корхона, ки ба номи ӯ шахси ҳуқуқӣ корт кушодааст;

**Корти пардохтии бонкӣ (ҳамчунин корти виртуалӣ)** – воситаи пардохтие мебошад, ки тавассути он Дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва/ё дигар рамзҳое, ки Дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби Ташкилот пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дастрасии фосилавӣ дорад;

**Корти виртуалӣ (маҷозӣ)** - корти дебетиест, ки ба суратҳисоби кортӣ пайваст буда, танҳо барои пардохти мол ва хизматрасониҳо дар шабакаи Интернет пешбинӣ гардида, дар шакли электронӣ бароварда мешавад ва василаи физикӣ надорад. Хамаи маълумоти он дар барномаи мобилӣ ва/ё интернет-бонки дорандаи корт нигоҳ дошта мешавад.

**Қарздиҳанда** – ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

**Қарзгиранда** – шахси ҳуқуқӣ ва ё Соҳибкори инфиродӣ, ки қарзи хурдро бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардондан ба мухлати муайян мегирад.
**Қарзи хурд** – воситаҳои пулӣ, ки аз ҷониби Қарздиҳанда ба Қарзгиранда бо шартҳои мухлатнок, музднок ва бозпасгардонӣ дода мешаванд.
**Нуқтаи пешниҳод ва/ё қабули пули нақд** - хазинаи Ташкилот, филиали он ва марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд , нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ ва воҳидҳои сайёр, инчунин агенти пардохтии бонкӣ, ки барои гузаронидани амалиёти пешниҳод ва/ё қабули пули нақд ва иҷро намудани ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ пешбинӣ шудааст;
**Овердрафт** – қарзи кӯтоҳмуддат барои амалӣ намудани пардохтҳои аз маблағи дар суратҳисоб будаи Мизоҷ зиёдтар, ки дар ҳудуди маблағ ва шартҳои Шартнома муайян гаштаанд;
**Пасандоз** – маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;
**Персонализатсия** – раванди ҷойгиркунии иттилооти мушаххаскунанда ба корт, сабт ба хотираи микропротсессор (чип) ва/ё дар навори магнитии корт, ки тибқи дастур ва тартиби кори низоми пардохти дахлдор пешбинӣ шудааст;
**Рақами мушаххаскунандаи шахсӣ** – рамзи шахсие, ки бо мақсади мушаххас кардани Дорандаи корт ҳангоми гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ аз тарафи Ташкилот ба Дорандаи корт дода мешавад;
Рӯзи амалиётӣ – вақти кории Ташкилот, ки дар давоми он ба Мизоҷ хизматрасонӣ пешниҳод карда мешавад;
**Суратҳисоби кортӣ** – ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки тавассути он ҳамаи амалиётҳо ба воситаи корт иҷро мегарданд, ба ҳисоб гирифта мешаванд;
**Суратҳисоби умумикардашудаи кортӣ** - ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки дар он маблағҳои пулии аз рӯи картҳои пешпардохти аз ҷониби Бонк баровардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд;
**Тарофаи Ташкилот (Тарофаи амалкунанда)** – ҷадвале, ки дар он фоизҳои ҳисобшуда барои пасандоз ва қарз дар Ташкилот ҷойгир карда шудааст;
Шартномаи пасандозӣ – шартномае, ки дар асоси Офертаи мазкур баста шуда, шартҳои инфиродии қабули пасандоз аз шахсони воқеӣ дар он инъикоси худро меёбад;
**Терминал** (ихтисораи pos-терминал мутобиқи амалияи байналмилалӣ) – таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои хондани маълумот аз корт, таҳия, интиқол ва қабул намудани маълумот дар бораи амалиёт бо корт ба (аз) низоми пардохтии дахлдор имконият медиҳад;
**Терминали худкори худхизматрасон –** таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои қабул ва нигоҳ доштани маблағҳои пули нақди Мизоҷёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дорандагони кортҳо, истифодабарандагони хизматрасониҳо, аз ҷумла гузаронидани пардохтҳо ба таври нақдӣ ва ғайринақдӣ ба ташкилотҳои коммуналӣ, операторони алоқаи мобилӣ, интернет ва дигар пардохтҳо пешбинӣ шудааст;
**Ҷадвали пардохтҳо** – ҷадвали пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳо аз рӯи қарзи додашуда, ки ба Қарзгиранда ҳангоми гирифтани як қарз дар алоҳидагӣ ба таври ҳомили қоғазӣ ва ё электронӣ дода мешавад. Пардохти маблағи қарз аз рӯи

Ҷадвали пардохтҳо, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи қарзи хурд ҳисоб меёбад ва дар асоси он шарти бозпасгардонӣ, мӯҳлатнокӣ ва музднокӣ амалӣ карда мешавад.

**Ӯҳдадориҳо** – ҳамаи маблағҳои пулие, ки дар доираи офертаи мазкур, Қарзгиранда бояд ба Қарздиҳанда пардохт намояд, аз ҷумла маблағи қарз, фоизҳои истифодашуда, ҳаққи хизматрасонӣ ва ҷаримаи аҳдшиканӣ (ноустуворона);

**Шабакаи терминалӣ** – терминалҳо, банкоматҳо, таҷҳизоти коммуникатсионӣ ва дигар таҷҳизот, ки инфрасохтори техникии қабул ва хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро ташкил медиҳанд;

**Шартномаи қарзи хурд** – Шартномае, ки дар асоси Шартномаи мазкур баста мешавад.

**IMONLINE –** ҳамёни мобилӣ, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оиди бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба Мизоҷ (дорандаи бонки мобилӣ) дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ имконият медиҳад.

## ФАСЛИ 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Шартномаи мазкур ва ҳар як амалиёти алоҳидае, ки байни Мизоҷ ва Ташкилот дар доираи Шартномаи мазкур баста мешавад, бо забони тоҷикӣ мебошад. Дар ҳолати зарурӣ, Ташкилот метавонад нусхаҳои чунин ҳуҷҷатҳоро бо забони дигар пешниҳод кунад, дар ҳоле ки нусхаҳои бо забони тоҷикӣ тартибдодашуда афзалият доранд.

1.2. Муносибатҳои ҳуқуқӣ мутобиқи Шартномаи мазкур барои Тарафҳо аз рӯзи аксепти Шартномаи мазкур оғоз меёбад ва дар мӯҳлати номаҳдуд амал мекунад.

1.3. Ҳама гуна Шатрномаҳои хурд/Аризаҳо/Дархостҳо, ки дар доираи Шартномаи мазкур баста мешаванд, аз ҷониби Ташкилот дар шаклҳои мувофиқа кардашуда муқаррар карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошанд.

1.4. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки агар дар Шартномаи мазкур тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, мӯҳлати амали ҳамаи хизматрасониҳое, ки дар доираи Шартномаи мазкур бо шартҳои ба таври худкор (автоматӣ) ба мӯҳлати нав ба расмият дароварда мешаванд, ба мӯҳлати оянда бе зарурати имзои созишномаи иловагии алоҳида оид ба ворид намудани тағйирот ҳангоми пардохти арзиши ин хизматрасониҳо аз ҷониби Мизоҷ тибқи Тарофаҳои амалкунандаи Ташкилот тамдид карда мешавад. Шумораи азнавбарқароркуниҳо маҳдуд нест.

1.5. Ҳамчун шарт барои бастани Шартномаи мазкур, пешниҳоди хизматрасонӣ ба Мизоҷ аз ҷониби Ташкилот анҷом додани ҳама гуна амалиёт, Мизоҷ бояд ба Ташкилот ҳуҷҷатҳое пешниҳод кунад, ки имкон медиҳанд, мушаххасгардонии ӯро ва намунаи хаттии имзоро муайян ва тасдиқ намояд.

1.6. Дар сурати кушодани суратҳисоб ба Мизоҷ ба тариқи фосилавӣ намунаи имзои ӯ намунае мебошад, ки дар ҳуҷҷати мушаххаскунандаи Мизоҷ ба Ташкилот пешниҳод шудааст, оварда шудааст.

1.7. Мизоҷ дар шакли хаттӣ ба Ташкилот дар давоми 5 рӯзи тақвимӣ дар бораи ҳамаи маълумотҳое, ки барои муносибатҳои корӣ муҳиманд ва ба иҷрои ӯҳдадориҳои Ташкилот ё Мизоҷ таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд, аз ҷумла тағйирот дар ном, суроға, рақами телефон ё намоянда, ҳуҷҷатҳои мушаххаскунанда ва ғайра маълумот медиҳад.
1.8. Мизоҷ барои огоҳ кардани Ташкилот дар шакли хаттӣ дар сурати тағйирот оид ба маълумотҳо вобаста ба Мизоҷ ё намояндагони ӯ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун масъул аст.
1.9. Агар Мизоҷ ӯҳдадориҳои дар боло зикршударо иҷро накарда бошад, Ташкилот маълумоти дар даст доштаашро дуруст мешуморад ва дар назди Мизоҷ, шахсони сеюм барои зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардани Мизоҷ дар бораи огоҳ кардани Ташкилот оид ба тағйирот ба амал омадааст, ҷавобгар нест. Дар ин ҳолат, Мизоҷ ба Ташкилот ҷуброни зарареро, ки аз иҷро накардани уҳдадориҳои Мизоҷ оид ба огоҳинома ва пешниҳоди намунаҳои имзо ба Ташкилот ба вуҷуд омадааст, кафолат медиҳад.
1.10. Дар сурати тағйир ёфтани маълумоти мушаххаскунандаи Мизоҷ аз қабили насаб, ном, номи падар, РМА, ҳуҷҷатҳои мушаххаскунандаи Мизоҷ, ки ӯ қаблан ба Ташкилот пешниҳод карда буд, тағйирот ба чунин маълумот тавассути шиносоӣ ва тасдиқи Мизоҷ ворид карда мешавад. Ташкилот пас аз санҷиши бомуваффақияти видеоии Мизоҷ маълумоти тағйирёфтаи ӯро ба таври худкор (автоматӣ) ба Шартномаҳои хурди қаблан басташудаи Шартномаи мазкур паҳн карда мешавад ва дар ҳама хизматрасониҳои қаблан пешниҳодшуда ба суратҳисобҳо истифода мешавад.
1.11. Ташкилот супоришҳои пардохтиро бо асъори хориҷӣ, аризаҳо барои харид/фурӯш/мубодилаи асъори хориҷӣ дар бозори асъор ва аризаҳо барои харид/фурӯш/мубодилаи асъори хориҷиро дар шабакаҳои интернетӣ бо ҳамзамон ба суратҳисоби Мизоҷ ворид кардани асъор қабул мекунад.
1.12. Ташкилот супоришҳои пардохтиро бо асъори хориҷӣ иҷро мекунад, агар:
- мизоҷ ба Ташкилот тамоми ҳуҷҷатҳои зарурирο тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Ташкилот пешниҳод намояд;
- пас аз санҷиши ин ҳуҷҷатҳо, Ташкилот боварӣ ҳосил кард, ки Мизоҷ метавонад ба таври қонунӣ амалиёти асъорро иҷро кунад.
1.13. Агар Тарафҳо созиши дигар ба даст наоранд, Ташкилот бо дархости Мизоҷ иқтибос аз суратҳисобро на дертар аз рӯзи дигари амалиётӣ пас аз гирифтани дархости дахлдор аз Мизоҷ пешниҳод мекунад. Иқтибос аз ҷониби Ташкилот дар санаи ташкилёбии он тасдиқ карда мешавад.
1.14. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ҳадди ақал як маротиба дар як моҳ бо истифода аз Интернет-бонкинг ё бо муроҷиат ба филиали Ташкилот иқтибос аз суратҳисоби худро гирад.
1.15. Иқтибос аз ҷониби Ташкилот бо имзои намоянда ва муҳри Ташкилот тасдиқ карда мешавад.

1.16. Ташкилот сирри бонкӣ, амалиёти суратҳисоб ва маълумот дар бораи мизоҷонро кафолат медиҳад. Маълумот дар бораи Мизоҷ, амалиётҳо ва суратҳисобҳо метавонад танҳо ба Мизоҷон шахсан ё намояндагони қонунии онҳо ё бо розигии онҳо ба шахсони сеюм пешниҳод карда шавад. Маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, метавонад ба шахсони дигар танҳо дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод карда шавад.

1.17. Бо бастани Шартномаи мазкур Тарафҳо ба мувофиқа омаданд, ки Ташкилот ҳуқуқ дорад аз Мизоҷ тавассути маркази тамос дархостҳо оид ба пешниҳоди иқтибосҳо оид ба суратҳисобҳо, маълумотномаҳо, ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои онҳо, аз ҷумла дархостҳои имзошудаи Мизоҷ, дархостҳо оид ба таҳвили ҳуҷҷатҳо, огоҳиномаҳо ё дигар ҳуҷҷатҳо ва ҳама гуна дархостҳои дигарро қабул кунад. Дар ҳоле ки Ташкилот маълумоти дорои сирри бонкии Мизоҷро дар ҳаҷми муайяншуда ошкор мекунад. Мувофиқи ин банди Шартномаи мазкур Ташкилот ҳуқуқ дорад, ба Мизоҷ маълумоти зеринро, ки сирри бонкиро дар бар мегирад, ошкор кунад:

1.17.1 маълумот дар бораи амалиёти пардохтии Мизоҷ, ки Ташкилот тибқи фармоишҳои Мизоҷ ва Шартномаҳои хурди дар асоси Шартномаи мазкур басташуда иҷро мекунад, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуднашуда: рақами суратҳисобҳои чекӣ, ҳаракати маблағҳо дар суратҳисобҳо, андозаи лимити кортҳои бонкии пардохтӣ, мӯҳлати амали кортҳои бонкии пардохтӣ ва ғайра;

1.17.2. маълумот дар бораи амалиёти пасандозии Мизоҷ, ки Ташкилот тибқи фармоишҳои Мизоҷ ва Шартномаҳои пасандозӣ ба Шартномаи мазкур басташуда анҷом медиҳад, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуднашуда: рақами суратҳисоби пасандозӣ, ҳаракати маблағҳо дар суратҳисоби пасандозӣ, андозаи пасандоз, андозаи фоизи пасандоз, маблағи фоизҳои ҳисобшуда/пардохтшуда аз пасандоз ва ғайра;

1.17.3. маълумот дар бораи амалиёти қарзие, ки Ташкилот тибқи фармоишҳои Мизоҷ ва Шартномаҳои қарзи хурд, ки дар асоси Шартномаи мазкур басташуда анҷом медиҳад, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуднашуда: дар бораи андозаи қарз, пардохтҳо ва андозаи онҳо тибқи Шартномаҳои хурди дахлдор ба Шартномаи мазкур, ки бояд пардохт карда шавад, санаи пардохт, андозаи қарзи ҷорӣ, андозаи фоизҳо барои истифодаи қарз, андозаи пардохтҳо ё дигар пардохтҳо (ҷаримаҳо), ки бояд барои давраи ҳисоббаробаркунӣ, намуд ва андозаи меъёри фоизӣ ва давраҳои амал ё тағйирёбии он, тафсилоти суратҳисоб барои пардохти қарз (ҷаримаҳо) ва ғайра пардохт карда шаванд.

1.18. Ҳангоми муроҷиати Мизоҷ ба Ташкилот тавассути маркази тамос бо мақсади ошкор кардани маълумоти дорои сирри бонкӣ ба Мизоҷ, Ташкилот мушаххасгардонии чунин Мизоҷро амалӣ менамояд.

1.19. Дар сурати рад кардани Мизоҷ аз гузаштани мушаххасгардонӣ маълумоти дорои сирри бонкӣ аз ҷониби Ташкилот ошкор карда намешавад.

1.20. Бо бастани Шартномаи мазкур Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки шартҳои ин банди Шартнома дархости хаттии Мизоҷ дар бораи ошкор кардани маълумоти дорои сирри бонкӣ мебошад, ки соҳиби он Мизоҷ мебошад.
1.21. Барои иҷрои зангҳо ва/ё мубодилаи паёмҳо байни Ташкилот ва Мизоҷ барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир истифода бурда мешаванд. Ба Мизоҷ маълум аст, ки мубодилаи паёмҳо дар барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир бе тасдиқи Мизоҷ бо истифода аз барномаи мобилии IMONLINE бе истифодаи маълумоти махфӣ, ки дорои сирри бонкӣ ё дигар маълумоти шахсӣ мебошад, сурат мегирад. Дар сурати интиқоли маълумоти махфӣ, маълумоти дорои сирри бонкӣ ё дигар маълумоти шахсӣ аз ҷониби барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир, Мизоҷ мустақилона хавфҳои марбут ба чунин интиқолро ба дӯш мегирад. Ҳангоми иҷрои зангҳо бо истифода аз барномаҳои технологияҳои иттилоотии муосир мубодилаи паёмҳо бо ёрии чатҳои тасдиқшуда, Тарафҳо метавонанд маълумоти махфӣ, маълумоти дорои сирри бонкӣ ё дигар маълумоти шахсӣ мубодила кунанд.
1.22. Ғайр аз ин, бо бастани Шартномаи мазкур бо Ташкилот ва/ё ягон шартномаи дигар, имзои Ариза ва/ё амалиёт бо истифода аз хизматрасониҳои Ташкилот, Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки аз ҷониби Ташкилот огоҳ карда шудааст ва барои анҷом додани аксбардорӣ, аудио, видео розигӣ медиҳад ва инчунин барои нигоҳ доштани аксҳо, сабтҳои аудиоӣ аз ҷониби Ташкилот розигӣ медиҳад; инчунин барои паҳн кардани аксҳо, сабтҳои аудиоӣ ва сабтҳои видеоӣ, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.
1.23. Ташкилот ҳангоми иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ ба Мизоҷ ҳамчун субъекти маълумоти шахсӣ дар бораи ҳуқуқҳои ӯ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, огоҳ менамояд.
1.24. Бо мақсади риоя кардани талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом амалиёт аз рӯи суратҳисобҳои бонкӣ метавонад, аз ҷумла, дар мавридҳои зерин, вале бо ин маҳдуднашуда боздошта шавад:
-дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом».

## ФАСЛИ 3. КУШОДАНИ СУРАТҲИСОБ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ҲИСОБӢ–ХАЗИНАВӢ

### 1. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

1.1. Дар доираи хизматрасонии мазкур «Ташкилот» ба «Мизоҷ» суратҳисобҳои амонатии дархостиро бо ҳар гуна асъор мекушояд ва

хизматрасонии ҳисобӣ-хазинавиро амалӣ менамояд.

1.2. Намуди ҳисоби интихобнамудаи «Мизоҷ» дар дархости ӯ, ки тибқи шакли муқаррарнамудаи Ташкилот ба расмият дароварда мешавад, дарҷ карда мешавад ва он қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба шумор меравад.

## 2. ШАРТ ВА ТАРТИБИ КУШОДАН ВА ПЕШБУРДИ СУРАТҲИСОБ

2.1. Ҳар як суратҳисоб дар доираи хизматрасонии мазкур дар асоси дархости хаттии «Мизоҷ» ва пешниҳод намудани бастаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад, дар мӯҳлати ду рӯзи корӣ аз санаи ворид гардидани дархости дахлдор кушода мешавад ва «Мизоҷ» аз ин амал хабардор карда мешавад.

2.2. Хизматрасонии ҳар як суратҳисоб тибқи шартҳо ва тартиби пешбининамудаи шартномаи мазкур мутобики Тарофахои хизматрасонӣ, ки Ташкилот ҳуқуқ дорад яктарафа иваз намояд ба амал баровarда мешавад.

2.3. Маблағ аз ҳисоби Мизоҷ дар ҳудуди бақияи пулҳои дар ҳисоб мавҷудбудаи ӯ дар оғози рӯзи амалиётии ҷории Ташкилот пардохт карда мешавад.

2.4. Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркуни ва пардохт, чекҳо барои гирифтани пули нақд ва эъломия барои ворид намудани пули нақд дар давоми рӯзи амалиётии «Ташкилот» (аз соати 8:00 то соати 16:00) қабул карда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои баъди гузаштани вақти амалиётӣ воридшуда, дар рӯзи ояндаи кории воридшуда ҳисобида мешаванд.

2.5. Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавии «Мизоҷ» танҳо дар ҳолати мутобиқатии онҳо ба шартҳои зерин қабул карда мешаванд:

а) мувофиқат намудани шакли ҳуҷҷат ба шакли муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон;

б) ба таври дахлдор тартиб дода шудани ҳуҷҷат, ки ба қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгӯй бошанд;

в) мувофиқат намудани имзоҳо ва нақшаи мӯҳр ба имзоҳо ва нақшаи мӯҳр, ки дар Корти намунаи имзоҳо ва нақшаи мӯҳр, ки дар рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷат мавриди амал қарор дорад, нишон дода шудааст.

2.6. Амалиёт аз рӯи суратҳисоби «Мизоҷ» дар асоси фармоиши ӯ, супориши намояндаи ваколатдори «Мизоҷ», ки дар асоси ваколатномаи аз ҷониби нотариуси давлатӣ тасдиқгардида муаррифӣ мегардад ва бо асосҳои дигари пешбинӣ намудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми на дертар аз як рӯзи баъди ба Ташкилот ворид гардидани ҳуҷҷатҳои дахлдори пардохт гузаронида мешавад.

2.7. Аз суратҳисоб хориҷ намудани маблағҳо аз ҷониби «Ташкилот» дар асоси супориши «Мизоҷ» амалӣ карда мешавад. Бидуни супориши Мизоҷ хориҷ намудани маблағҳо аз суратҳисоб бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2.8. Тибқи навбат аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ мувофиқи талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда амалӣ мегардад.

2.9. Ихтиёрдории маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоб мавҷуданд, аз рӯи салоҳдиди «Мизоҷ» амалӣ мегардад. «Ташкилот» ҳуқуқҳои «Мизоҷ»-ро оиди ихтиёрдории маблағҳои пулӣ дар суратҳисоб мавҷудбуда маҳдуд намесозад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки гузоштани ҳабс ба суратҳисоб ё боздоштани амалиётҳо аз рӯи суратҳисобро пешбинӣ менамоянд.
2.10. Хаққи хизматрасониҳои «Ташкилот» мувофиқи Тарофаҳои тасдиқнамудаи «Ташкилот» дар рӯзи гузаронидани амалиёт ё ин ки рӯзи дигари амалиётӣ аз ҳисобҳои дахлдори Мизоҷ, инчунин дигар қарздориҳои Мизоҷ дар назди Ташкилот ба тариқи беаксептӣ бе огоҳии иловагӣ ситонида мешавад.
2.11. Суратҳисоб бо сабабҳои зерин баста мешавад:
а) бо дархости Мизоҷ;
б) ҳангоми бекор кардани Шартномаи мазкур;
в) дар дигар ҳолатҳое, ки санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

## 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

<u>3.1. Ташкилот ӯҳдадор аст:</u>
3.1.1. Маблағҳои пулии ба суратҳисоби Мизоҷ воридшавандаро қабул кунад ва гузаронад, супориши Мизоҷро оид ба пардохт ва додани маблағи дахлдор аз суратҳисоб ва гузаронидани амалиётҳои дигарро аз рӯи суратҳисоб иҷро намояд.
3.1.2. Дар сурати дер ё нодуруст ба суратхисоби Мизоҷ гузаронидани амалиётҳо ё аз он хориҷ кардани маблағи пулӣ “Ташкилот” ӯҳдадор мешавад, ки ба Мизоҷ барои ба ҳар як рӯзи ба таъхиргузошташуда дар ҳаҷми мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима пардохт намояд.
3.1.3. Амнияти маблағҳои пулии дар Суратҳисоби Мизоҷ мавҷудбударо таъмин намояд. Дар сурати қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавӣ ё имзоҳои шахсони ваколати дахлдор надошта, гузаронидани амалиётро рад намояд.
3.1.4. Сирри бонкиро доир ба Суратҳисоб ва амалиётҳоро аз рӯи он, инчунин дигар маълумотҳоеро, ки дар натиҷаи иҷрои Шартномаи мазкур ба Ташкилот маълум гаштааст, махфӣ нигоҳ дорад. Оиди амалиётҳои аз рӯи Суратҳисоб гузаронидашуда ба Мизоҷ, намояндаи қонунии ӯ, инчунин ба мақомотҳои давлатӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома пешниҳод намояд.
3.1.5. Амалиётҳои ҳисоббаробаркунию хазинавиро бо супориши Мизоҷ пас аз ворид шудани ҳуҷҷати ба таври дахлдор ба расмият даровардашудаи пардохт саривақт ва дуруст гузаронад.
3.1.6. Ба Мизоҷ иқтибос аз рӯи Суратҳисоб ва замимаҳоро ба он пешниҳод намояд.
3.1.7. Пардохтҳоро дар асоси супориши (ё дастури) Мизоҷ, мувофиқи навбат амалӣ намояд.
3.1.8. Дар холати тағйир ёфтани тарофахои хизматрасонии Ташкилот, дар

давоми 5 рӯзи корӣ дар ин бора мизоҷро ба тариқи сомонаи Ташкилот www.imon.tj хабарномаи иттилоотӣ дар Низоми "Интернет-бонк" ва ё СМС-паёмак хабардор намояд.

3.2. Ташкилот ҳуқуқ дорад:

3.2.1. Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавии Мизоҷро, ки хилофи талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон ба расмият даровара шудаанд, қабул накунад.

3.2.2. Дар ҳолати мавҷудияти далелхое, ки аз ғайриқонунӣ будани амалиёт, тартиб ва усули барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва муҳлатҳои ба Ташкилот пешниҳод намудани онҳо шаҳодат медиҳанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронидани амалиётҳоро аз рӯи ҳисоб рад намояд (ё боздорад).

3.2.3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартномаи мазкур ва шартномаҳои дигари байни Ташкилот ва Мизоҷ басташуда, маблағҳои пулиро тариқи бепазироиш (ғайриаксептӣ) бо ордери мемориалии худ аз ҳисоб барорад.

3.2.4. Дар ҳолатҳои ба миён омадани ӯҳдадориҳои иҷронашудаи Мизоҷ дар назди Ташкилот, маблағҳои пулиро тариқи бепазироиш (ғайриаксептӣ) аз суратҳисоб барорад.

3.2.5. Аз Мизоҷ пешниҳод намудани маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳоро дар ҳолатҳо ва бо тартиби аз тарафи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда талаб намояд.

3.3. Мизоҷ ӯҳдадор аст:

3.3.1. Маблағҳои дар суратҳисоб мавҷудбударо мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва Шартномаи мазкур ихтиёрдорӣ намояд.

3.3.2. Маълумотҳо ва ҳуҷҷатхои ба таври дахлдор тартиб ва ба расмият даровардашударо дар ҳаҷми пурра ва дар муҳлатҳои аз тарафи Ташкилот муқарраршуда пешниҳод намояд.

3.3.3. Хаққи хизматрасониҳои «Ташкилот»-ро аз рӯи Тарофаҳои тасдиқнамудаи «Ташкилот», пардохт намояд.

3.3.4. Дар холати нарасидани маблағи зарурӣ дар суратҳисоб, суратҳисоби худро бо маблағи лозима пурра намояд.

3.3.5. Ташкилотро оиди тағйир ёфтани ҳар гуна маълумот, ки бо пешбурди суратҳисоб алоқаманд мебошанд, аз ҷумла тағйирот ба ҳайати роҳбарият, ки ба онҳо ҳуқуқи имзои ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавӣ дода шудааст, инчунин оиди тағйир ёфтани суроғаи ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, рақамҳои телефонҳо, рамзҳои оморӣ ва дигар маълумотҳое, ки ҳангоми кушодани Суратҳисоб аз тарафи Мизоҷ пешниҳод шуда буданд, бе таъхир огоҳ созад.

3.3.6. Дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз рӯзи дастрас шудани иқтибос аз рӯи Суратҳисоб, Ташкилотро оиди маблағҳои ба ҳисоб нодуруст (бо ғалат) воридшуда хабардор намояд.

3.3.7. Бо тартиби кори Ташкилот, Тарофаҳои Ташкилот, тартиби ба Ташкилот пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавӣ ва дигар маълумотҳое, ки дар бинои Ташкилот доир ба хизматрасонӣ ба Мизоҷон ҷой

дода шудаанд, шинос шавад.

3.3.8. Ба шахсони сеюм дастрасӣ ба суратҳисобҳои бонкии худ (аз он ҷумла ба кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) надиҳад ва ҳангоми риоя нагардидани талаботи болозикр ин асос барои қатъи яктарафаи Шартномаи мазкур ҳисоб карда мешавад.

3.4. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:

3.4.1. Ба маблағҳои пулии дар Суратҳисоб буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи мазкур мустақилона ихтиёрдорӣ намояд.

3.4.2. Ба «Ташкилот» оиди гузаронидани амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб, ки бо қоидаҳои Ташкилот ва Шартномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, супориш диҳад.

3.4.3. Аз Ташкилот маълумотномаҳо ва иқтибос аз рӯи Суратҳисоб гирад ва оиди иҷрои супоришҳои худ маълумот талаб намояд.

3.4.4. Бо салоҳдиди худ маблағҳои пулии дар Суратҳисоб бударо ба асъори хориҷӣ мутобики курбномаи Ташкилот барои рузи амалиётӣ мубодила (конвертатсия) намояд. Мубодилаи маблағҳои пулӣ дар асоси аризаи (дархост) Мизоҷ тибқи тартиби пешбининамудаи ивазкунӣ дар Ташкилот амалӣ карда мешаванд.

## 4. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

4.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои Шартномаи мазкур мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

4.2. Мизоҷ барои эътимоднокии маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои ба Ташкилот пешниҳоднамудааш мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чавобгар аст.

4.3. Ташкилот ӯҳдадор аст, интиқоли маблағи Мизоҷ ва ба суратҳисоби вай гузаронидани маблағро на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ пас аз гирифтани ҳуҷҷати дахлдори пардохт амалӣ намояд.

4.4. Пардохти ҷарима Тарафхоро аз иҷрои дигар ухдадорихо мутобиқи Шартномаи мазкур озод наменамояд.

## 5. МӮҲЛАТИ АМАЛ ВА ТАРТИБИ БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМА

5.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо ба таври дахлдор ба имзо расиданаш амал мекунад.

5.2. Мӯҳлати амали шартнома маҳдуд намешавад.

5.3. Шартномаи мазкур ҳар вақт метавонад тибқи аризаи хаттии Мизоҷ бекор карда шавад. Ҳамзамон, ҳангоми бекор кардани Шартнома Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки ҳамаи масъалаҳои ҳисоббаробаркуниро бо Ташкилот ба танзим ва ухдадорихои ичро нагардидаро ичро намояд.

5.4. Дар ҳолати аз ҷониби як тараф иҷро нашудани шартҳои шартнома, тарафи дигар ҳуқуқ дорад Шартномаи мазкурро бекор кунад.

# ФАСЛИ 4. ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ ПАСАНДОЗИ МУҲЛАТНОК

## 1. МАВЗӮИ ПАСАНДОЗИ МУҲЛАТНОК

1.1. Мувофиқи шартномаи мазкур «Ташкилот» аз «Амонатгузор» маблағи пасандози воридшавандаро ба ҳисоби пасандозӣ қабул менамояд ва ӯҳдадор мешавад, ки ба «Амонатгузор» тибқи шартҳои Шартномаи мазкур ин маблағро баргардонад ва фоизҳои ҳисобшударо пардохт намояд.

## 2. ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ ПАСАНДОЗ

2.1. Бо мақсади шиносоии "Амонатгузор" бо Шартномаи мазкур (аз ҷумла тағйиру иловаҳо ва ё таҳрири нави он) дар ҷойҳои зерин бо яке аз тарзҳо, ки ба "Амонатгузор" имконияти шинос шуданро медиҳад, ҷойгир менамояд:

- бо ҷойгир кардани Шартномаи мазкур дар сомонаи расмии "Ташкилот" www.imon.tj;
- ба воситаи ҷойгир намудани маълумот дар гӯшаҳои иттилоотии идораҳои амалиётӣ ва филиалҳои "Ташкилот";
- ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-ӣ;
- бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки "Амонатгузор" тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд, ки он аз номи "Ташкилот" омадааст.

2.2. Бо хоҳиш ва талаби "Амонатгузор" матни Шартномаи мазкур метавонад, ба ӯ бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда шавад.

2.3. Бо шартҳои ҳисоби пасандоз, ки Амонатгузор интихоб намудааст, Ташкилот реҷаи муайяни хизматрасонии пасандозиро муқаррар менамояд, ки он дар Шартномаи пасандозии бо «Амонатгузор» басташуда оварда мешавад. Аз ҷумла, намуди пасандози бонкӣ, ҳаҷми маблағи пасандози бонкӣ, мӯҳлати пасандози бонкӣ, тартиби ҳисоб ва пардохти фоиз ба маблағи пасандоз низ дар Шартномаи пасандозӣ инъикос меёбад.

2.4. Шартномаи пасандозӣ аз рӯзи ворид шудани пасандоз ба Ташкилот ҳамчун басташуда эътироф мегардад.

2.5. «Амонатгузор» ҳуқуқ надорад, маблағҳои пулии дар пасандоз (депозит) мавҷудбударо ба ашхоси дигар гузаронад.

2.6. Гузаронидани маблағи пасандоз аз суратҳисоби Амонатгузор ба ҳисоби пасандози мӯҳлатноки Амонатгузор бо фармоиши ӯ тариқи ғайринақдӣ мувофиқи тартиби муқарраршуда амалӣ мегардад ва бо пешниходи ҳуҷҷати бонкӣ тасдик мегардад.

## 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

3.1. «Ташкилот» ҳуқуқ дорад:

3.1.1. Маблағҳои пасандозро тибқи қонунгузории амалкунанда истифода барад.

3.1.2. Дар ҳолати аз ҷониби «Амонатгузор» пеш аз мӯҳлат талаб намудани маблағи пасандози мӯҳлатнок, «Ташкилот» фоизи онро бо меъёри 1% (фоиз) аз нав ҳисоб намуда, маблағи пасандозро баъд аз тарҳи он маблағхое, ки ба «Амонатгузор» хисоб шудаст, бармегардонад.

3.2. «Амонатгузор» ҳуқуқ дорад:

3.2.1. Маблағи пасандозро аз рӯи нигоҳдошти худ бо риояи шартҳои шартнома ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдорӣ намояд.

3.2.2. Маблағи пасандозро бо фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи шарт ва тартиби пешбининамудаи Шартномаи мазкур гирад.

3.3. «Ташкилот» ӯҳдадор аст:

3.3.1. Ба маблағи пасандоз фоиз ҳисоб намояд, маблағи фоизҳоро ба ҳисоби «Амонатгузор» гузаронад. Аз маблағи фоизҳои ҳисобшуда андози даромад дар манбаи пардохт мувофиқи қонунгузории амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта шуда, ба буҷети давлат пардохт карда мешавад.

3.3.2. Ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати Шартномаи мазкур ва ё ин ки дар ҳолати пеш аз муҳлат бо дархости «Амонатгузор» ва ё намояндаи ӯ талаб намудани маблағи пасандоз ва фоизҳои ҳисобшуда, на дертар аз рӯзи дигари амалиётӣ ба «Амонатгузор» ва ё намояндаи ӯ маблағи пасандоз ва фоизҳои ҳисобшуда ва пардохтгардидаро баргардонад.

3.3.3. Сирри бонкиро оиди соҳиби ҳисоб, мушаххасоти ҳисоби ӯ, дар бораи амалиётҳои гузаронидашуда аз рӯи ҳисоб ва бақияи маблағи ҳисобро махфӣ нигоҳ дорад.

3.4. «Амонатгузор» ӯҳдадор аст:

3.4.1. Баъди бастани Шартнома, маблағи пасандозро ба суратҳисоби бонкӣ, ки «Ташкилот» ба ӯ кушодааст, ворид намояд.

3.4.2. Дар ҳолати азнавташкилдиҳӣ, иваз намудани шахсони мансабдор, ки дорои ҳуқуқи имзои якум ва дуюм мебошанд, суроғаи хуқуқӣ, мӯҳр ва дигар маълумотҳое, ки барои иҷрои Шартномаи мазкур зарур мебошанд, ба тариқи хаттӣ Ташкилотро дар давоми 5 (панҷ) рӯз аз лаҳзаи ба миён омадани чунин ҳолатҳо хабардор намояд.

3.4.3. Ба шахсони сеюм дастрасӣ ба суратҳисобҳои бонкии худ (аз он ҷумла ба кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) надиҳад ва ҳангоми риоя нагардидани талаботи болозикр ин асос барои қатъи яктарафаи Шартномаи мазкур ҳисоб карда мешавад.

## 4.ТАРТИБИ ҲИСОБ НАМУДАН ВА ПАРДОХТИ ФОИЗҲО БА ПАСАНДОЗ

4.1. Ба маблағи пасандоз тибқи Шартномаи пасандозӣ фоиз ҳисоб карда мешавад.

4.2. Фоизҳо ба маблағи пасандоз аз рӯзи баъди рӯзи ба Ташкилот ворид шудани он фарорасанда то рӯзи ба Амонатгузор баргардонидани он ё тибқи дигар асосҳо баровардани пасандоз ҳисоб карда мешавад.

4.3. Фоизҳо аз бақияи маблағи пасандоз ҳисоб карда мешавад. Ҳамаи ҳисоби фоизҳо дар асоси:

- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 360 рӯз, агар мӯҳлати пасандоз то як сол бошад, гузаронида мешавад;
- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 365 рӯз, агар мӯҳлати пасандоз зиёда аз як сол бошад, гузаронида мешавад. Маблаги ниҳоии фоизҳои ҳисобшуда на кам ба маблағи 0,01 воҳиди асъор ҳисоб карда мешавад.

4.4. Тамоми амалиётҳо дар доираи шартномаи мазкур (ворид намудани маблағ, ё ин ки гирифтани маблағ аз ҳисоб) то соати 16:00 дақиқаи рӯзи амалиётӣ гузаронида мешаванд. Ё тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ на дертар аз соати 17-00 қабул карда мешавад.

4.5. Агар санаи охирини муҳлат бо рӯзҳои ид ва ё истироҳат рост ояд, баргардонидани маблағ ва пардохти фоизҳо дар рӯзи аввали кории пас аз рӯзи ид ва ё истироҳат рост меомада, ба иҷро расонида мешавад.

## 5.КАФОЛАТИ ПАСАНДОЗ

5.1. Ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс-мажор), ба Амонатгузор мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» маблағи пулии пасандозро баргардонад.

5.2. Маблағҳои пулии дар ҳисоби пасандозӣ мавҷудбуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурта карда шудааст. Кафолати маблағи пулии пасандоз аз рӯи тартиб, ҳаҷм ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ба амал бароварда мешавад.

## 6. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

6.1. Тарафҳо барои пурра ё қисман иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки Миллии Тоҷикистон масъулият доранд.

6.2. Дар ҳолати аз ҷониби «Амонатгузор» талаб намудани маблағи пасандоз ва аз ҷониби «Ташкилот» саривақт барнагардонидани он, «Ташкилот» ӯҳдадор мешавад, ки ба «Амонатгузор» аз маблағи бақияи пасандоз барои ҳар як рӯзи ба таъхиргузоштташуда дар ҳаҷми мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима пардохт намояд.

## 7. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

7.1. Шартномаи мазкур аз рӯзи ворид шудани маблағи пасандоз ба ҳисоби пасандозии «Амонатгузор» басташуда ба ҳисоб меравад.

7.2. Амали Шартномаи мазкур дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

- ҳангоми ба охир расидани муҳлати Шартномаи пасандозӣ;
- ҳангоми аз тарафи «Амонатгузор» ё намояндаи ӯ пурра гирифтани маблағҳои пулӣ аз ҳисоби пасандозӣ;
- дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

7.3. Ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати Шартномаи пасандозӣ ва аз ҷониби Амонатгузор талаб накардани маблағи пасандоз, тарафҳо розӣ мебошанд, ки Шартномаи мазкур ба муҳлат ва шартҳои дар Шартномаи пасандозӣ пешбинӣ гардида тамдид гардад.

7.4. Тамдиди шартнома аз рӯи шартҳо ва ҳаҷми фоизҳое, ки дар рӯзи тамдид дар Ташкилот нисбати чунин намуди пасандоз ва ё ин ки вобаста ба мӯҳлати ин намуди пасандоз мавҷуд аст, ба амал бароварда мешавад.

7.5. Шартномаи мазкур дар ҳар вақт бо аризаи «Амонатгузор» қатъ карда мешавад.

# ФАСЛИ 5. ШАРТҲОИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗИ ХУРД

## 1. ПРЕДМЕТИ ШАРТНОМА

1.1. «Қарздиҳанда» ба «Қарзгиранда» маблағи қарзи хурдро дар ҳаҷм, тартиб ва шартҳои пешбинӣ намудаи маҳсулотҳои қарзӣ, пешниҳод менамояд ва

«Қарзгиранда» ӯҳдадор мешавад, ки маблағи қарзи хурди гирифтаашро баргардонад ва барои истифодаи он фоиз супорад.

## 2. ШАРТ ВА ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ

2.1. Қарздиханда ба Қарзгиранда бо тартиб ва шартҳои дар Шартномаи қарзи хурд нишондодашуда бо истифодаи максаднокӣ, таъминнокӣ, мухлатнокӣ ва музднокӣ қарзи хурд медихад.

2.2. Маблағҳои қарзи хурд бояд танҳо барои мақсадҳои дар Шартномаи қарзи хурд нишондодашуда истифода бурда шаванд.

2.3. Муҳлат, меъёри фоизи самараноки солона аз рӯи қарзи хурд ва меъёри фоиз аз руи қарзи хурд дар Шартномаи қарзи хурд муқаррар карда мешавад.

2.4. Андозаи ҳаққи хизматрасонии қарз мувофиқи Тарофаҳои амалкунанда муқаррар карда шуда, дар Ҷадвали пардохтҳо инъикос меёбад ва аз тарафи «Қарзгиранда» дар лаҳзаи гирифтани қарз пардохт карда мешавад.

2.5. Қарзи хурд ба тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ ба воситаи гузаронидани маблаг ба суратҳисоби «Қарзгиранда» пешниҳод карда мешавад. Санаи пешниҳоди қарзи хурд - ин санаи гузаронидани маблағ ба суратҳисоби «Қарзгиранда» ба шумор меравад ва санаи охирини пардохти қарз аз рӯи Ҷадвали пардохт муайян карда мешавад.

2.6. Аз ҷониби «Қарзгиранда» ба шахси сеюм додани қарзи хурд қатъиян манъ буда, ӯро аз ӯҳдадорӣ озод намекунад ва дар оянда аз гирифтани қарз ва ё аз дигар хизматҳои молиявӣ маҳрум месозад.

2.7. Маблағи қарз аз тарафи «Қарзгиранда» баъди ба имзо расидани Шартномаи мазкур, инчунин дигар шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои ба он алоқаманд дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ бояд гирифта шавад. Дар ҳолати дар давоми ин муддат нагирифтани маблағи қарз, Шартномаи мазкур ва Шартномаи қарзи хурд беэътибор доништа мешавад.

2.8. Манбаҳои пӯшонидани қарз - ин ҳама намуди даромадҳои «Қарзгиранда», аз ҷумла маблағҳои пулии дар суратҳисоби ӯ мавҷудбуда ва ё маблағҳои аз ҳисоби фурӯши амволи таҳти гарав қарордошта бадастомада, инчунин манбаъҳои дуюмдараҷа ба шумор меравнд.

2.9. Қарзгиранда ба Қарздиҳанда барои хизматрасонии қарз мувофиқи ҷадвали тарофавии маҳсулотҳои қарзӣ ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) пардохт менамояд. Маблағи ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) якдафъаина буда, дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

2.10. Муҳлати имтиёзнок барои қарзи дар Шартномаи қарзи хурд пешниҳодшаванда, барои пардохти қарзи асосӣ ва барои пардохти фоизҳо дар Ҷадвали пардохт, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошад, зикр карда мешавад.

2.12. Ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) аз ҳисоби қарзи пешниҳодшуда дар рӯзи пешниҳоди қарз ситонида мешавад.

## 3. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ҚАРЗ ВА ФОИЗҲО

3.1 Тартиби пардохти маблағи қарзи хурд ва фоизҳо, мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо муқаррар карда мешавад, ки он қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ва Шартномаи қарзи хурд ба шумор рафта, дар рӯзи додани маблағи қарзи хурд муайян ва тартиб дода мешавад.

3.2 Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ба Ҷадвали пардохт, ки ба пардохти пеш аз мухлати қарз, тағйироти меъёри фоиз алоқаманд аст, "Қарздиҳанда" ба "Қарзгиранда" аз рӯи дархости ӯ Ҷадвали нави пардохтро ройгон пешниҳод мекунад.

3.3. Ҳисоб кардани фоизи Қарзи хурд бо асъоре, ки Қарз гирифта шудааст, ба амал баровардa мешавад.

3.4. Маблағи асосии Қарзи хурд мувофиқи Ҷадвали пардохт, ки он қисми ҷудонашавандаи Шартномаи қарзи хурд ба шумор меравад, пардохт карда мешавад.

3.5. Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ба Ҷадвали пардохт, ки ба пардохти пеш аз мухлати қарз, тағйироти меъёри фоиз алоқаманд аст, "Қарздиҳанда" ба "Қарзгиранда" аз рӯи дархости ӯ Ҷадвали нави пардохтро ройгон пешниҳод мекунад.

3.6. Ҳамаи пардохтҳо (маблағи қарзи хурд ва фоизҳои ҳисобшуда) то соати 16:00-и рӯзи муқарраршуда тариқи нақдина ба хазинаи «Қарздиҳанда» ё ба тариқи ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтии «Қарздиҳанда», инчунин тавассути воситаҳои электронии пардохтии дигар ташкилотҳои қарзӣ на дертар аз соати 17:00 қабул карда мешаванд. Ҳангоми насупоридани маблағи пардохт то соати 17:00, мувофиқи Шартномаи қарзи хурд ҷарима ситонида мешавад. Ё ин ки аз тарафи «Қарздиҳанда» бо воситаи ордери мемориалӣ мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо аз суратҳисобҳои бонкии «Қарзгиранда» (суратҳисоби пасандозӣ, суратҳисоби амонатии дархостӣ, суратҳисобҳои кортӣ), ки дар Ташкилот пешбурд мегарданд ва дар Шартномаи ин суратҳисобҳо розигии "Қарзгиранда" барои чунин шарти пардохти ӯҳдадориҳои қарзӣ байни "Тарафҳо" пешбинӣ шудааст, бо тартиби беакセптӣ бе огоҳонидан ситонида мешавад (аз ҳисоб баровардa мешавад).

3.7. «Қарздиҳанда» ба «Қарзгиранда» барои пардохти қарзи асосӣ ба мӯҳлати дар Шартномаи қарзи хурд муқаррар гардида давраи имтиёз муқаррар менамояд.

3.8. Фоизҳо аз рӯзи аввали қарздорӣ, ки бо рӯзи додани қарз рост меояд, ҳисоб карда мешавад. Ҳамаи ҳисобҳои пардохт дар асоси:

- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 360 рӯз, агар мӯҳлати қарз то як сол бошад, гузаронида мешавад;
- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 365 рӯз, агар мӯҳлати қарз зиёда аз як сол бошад, гузаронида мешавад.

3.9. Дар ҳолати батаъхир афтодани пардохти маблағи қарз, маблағи воридшуда бо чунин

тартиб қабул карда мешавад: аввал ҳамаи ҷарима ва фоизҳои батаъхирафтода, баъдан фоизҳои ҳисобшуда, қарзи асосии батаъхирафтода ва сипас қарзхои ҷорӣ пардохт карда мешавад.

3.10. Ҳангоми аз ҷониби «Қарзгиранда» пеш аз муҳлат қисман ва ё ба пуррагӣ пардохт намудани маблағи қарз, аз ӯ ҷарима (ноустуворона) ситонида намешавад. Дар ин ҳолат «Қарзгиранда» бояд ба тариқи хаттӣ, инчунин бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир ва ё шифоҳӣ мурочиат намуда, пеш аз мӯҳлат руйпӯш намудани пардохтҳои минбаъдаро изҳор намояд. Дар акси ҳол маблағи воридшуда мувофиқи ҷадвали пардохтҳо қабул карда мешавад.

3.11. Пардохтҳо барои истифодаи қарзи гирифташуда ва пардохти фоизҳо ё ин ки ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) аз рӯи онҳо, аз ҷониби Қарзгиранда дар рӯз ва/ё то фарорасии Санаи Пардохт, дар хаҷми муқаррарашуда амалӣ карда мешаванд. Агар Санаи Пардохт ба рӯзи ғайрикорӣ рост ояд, Санаи Пардохт рӯзи дигари наздиктарини корӣ ҳисоб карда мешавад.

## 4. ТАЪМИНОТИ ҚАРЗИ ХУРД

4.1 Пешниҳоди карз, танхо пас аз таъмин намудани баргардонии он, бо яке аз таъминотхои поёнзикршуда амали мегардад.

4.2 Баргардонии қарз, мумкин аст бо гарав, замонат ва кафолати бонкӣ, ки мувофики талаботи қонунгузории амалкунанда ба расмият дароварда мешавад, таъмин гардад.

4.3 Гарав мумкин аст дар навъхои - ипотека, гарави додашуда ба Гаравгир (заклад) аз ҷумла: гарави воситаҳои пулӣ ва ҷавоҳирот, гарави молу мулки назди гаравдеҳ нигоҳ дошта ва гарави ҳуқуқ баромад намояд.

4.4 «Қарзгиранда» ҳамаи хароҷотҳо ва боҷҳои имконпазирро, ки бо барасмиятдарорӣ ва бақайдгирии ҳамаи шартномаҳои таъминот алоқаманд мебошанд, аз ҳисоби худ пардохт мекунад.

4.5 Дар сурати иҷро нашудани ӯҳдадориҳои «Қарзгиранда», қарз тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонун пеш аз мӯҳлат, аз он ҷумла тавассути фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ва дар сурати нокифоягии молу мулки ба гарав гузошташуда аз ҳисоби дигар молу мулки «Қарзгиранда» ситонида мешавад.

## 5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**5.1. «Қарзгиранда» ҳуқуқ дорад:**

5.1.1. Маблағи қарзи гирифтаашро қисман ва ё ба пуррагӣ мувофиқи тартиби дар банди 3.10.пешбинигардида пеш аз муҳлат пардохт намояд.

5.1.2. Аз «Қарздиҳанда» тариқи шифоҳӣ ва ё хаттӣ маълумотнома дар бораи иҷроиши ӯҳдадории қарзӣ, оид ба тавозуни бақияи қарз, дар бораи пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо ва ҷаримаи пардохтшуда талаб намояд.

5.1.3. Ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати Шартномаи қарзи хурд ва ё ин ки дар ҳолати пеш аз муҳлат пардохт намудани маблағи қарз ба «Қарздиҳанда» оиди гирифтани қарзи навбатӣ дархост (ариза) пешниҳод намояд.

5.1.4. Доир ба сифати хизматрасонӣ фикру ақидаи худ ва ё арзу шикоят баён намояд.
5.1.5 Барои тафтиши мунтазами «Қарзгиранда» дар низоми Бюрои таърихи қарзӣ розигии бемуҳлат ва бе маҳдудияти шумораи тафтишҳо ба «Қарздиҳанда» аз ҷумла дар ҳолатҳои зерин, вале бо онҳо маҳдуднашуда медиҳад: тафтиши дархости «Қарзгиранда», бо мақсади мониторинги давра ба давра, бо мақсади омода намудани пешниҳоди қарзӣ ба «Қарзгиранда» бо ташаббуси Ташкилот ва ғ.

**5.2. «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад:**

5.2.1. Дар ҳолати номувофиқатии «Қарзгиранда» ба талаботҳои қарздиҳии «Қарздиҳанда» пешниҳоди қарзро рад намояд.
5.2.2.Мақсаднок истифодабарии маблағи қарзи хурдро назорат намояд. Бо мақсади таҳлили (мониторинги) истифодабарии маблағи қарз, ба ҷойҳои фаъолияти «Қарзгиранда» ворид шуда, ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои заруриро оид ба нишондиҳандаҳои молиявӣ, дар бораи мақсаднок истифода бурдани маблағи қарзи хурд ва оид ба пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ талаб намояд.
5.2.3. Пардохти маблағи қарзро аз рӯи Ҷадвали пардохтҳо назорат намояд.
5.2.4. Мавриди ба миён омадани ҳолатҳои дар қисми 6-и ҳамин фасл пешбинигардида, «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад:

- ӯҳдадориҳои худро нисбати қисми боқимондаи қарзи хурд, ки ҳоло ба «Қарзгиранда» пешниҳод накардааст, бекор кунад;
- шартнома дар бораи қарзи хурдро бо талаби пеш аз мӯҳлат баргардонидани маблағи қарзи хурд, фоизҳо ва ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда қатъ намояд;
- чораҳои дигари ҳуқуқиро мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намояд.

5.2.5. Дар ҳолати расидани муҳлати пардохти фоизҳои ҳисобшудаи қарз ва қарзи асосӣ мувофиқи Ҷадвали пардохт, инчунин аз тарафи «Қарзгиранда» вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур, ки пардохти саривақтии фоизҳои ҳисобшудаи қарз ва қарзи асосиро мувофиқи Ҷадвали пардохт пешбинӣ менамояд, «Қарзгиранда» ҳуқуқ дорад, бо тариқи беаксептӣ аз ҳисоби (суратҳисоби пасандозӣ, суратҳисоби амонатии дархостӣ, суратҳисобҳои кортӣ) «Қарзгиранда», ки дар Ташкилот пешбурд мегарданд ва дар шартномаи ин суратҳисобҳо розигии "Қарзгиранда" барои чунин шарти пардохти ӯҳдадориҳои қарзӣ байни "Тарафҳо" пешбинӣ шудааст, маблағи дар ҳамон лаҳза ҳисобшавандаро бо ситонидани ҷаримае, ки дар банди 7.2. фасли мазкур пешбинӣ шудааст, ситонад.
5.2.6. «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад, пеш аз мӯҳлат пардохт намудани қарздориро якҷоя бо фоизҳои ҳисобшуда, вале пардохтнашуда ба тариқи хаттӣ пештар аз 10 (даҳ) рӯзи корӣ «Қарзгиранда»-ро хабардор намуда, дар ҳар ҳолатҳои зерин, талаб намояд:
а) аз тарафи «Қарзгиранда» вайрон намудани Ҷадвали пардохт, яъне мунтазам дер пардохт намудани маблағи асосӣ ва фоизҳои Қарз;

б) ғайримақсаднок истифода бурдани маблағи Қарз ва бад шудани ҳолати молиявии «Қарзгиранда», дарёфти маълумот оиди бардуруғ ё нопурра будани фаъолияти иқтисодии «Қарзгиранда» ё дигар маълумотҳое, ки то гирифтани Қарз бардуруғ ё нопурра пешниҳод шуда буданд;
в) аз тарафи «Қарзгиранда» вайрон кардани ҳар кадоме аз шартҳои Шартномаи мазкур ва дигар Шартномаҳои Қарзи Хурд ва гарав, ки барои таъмини пардохти Қарзи мазкур баста шудаанд.
5.2.7. Дар ҳолати саривақт пардохт накардани Қарз ба тариқи маҷбурӣ руёнидани амволи ба гарав пешниҳодшудаи «Қарзгиранда»-ро бо мақсади руйпуш кардани Қарзи додашуда, пардохти фоизҳои ҳисобшуда ва маблағҳои дигар (ҷарима)-ро ба он, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба амал барорад.
**5.3.«Қарзгиранда» уҳдадор аст:**
5.3.1. Маблағҳои қарзи хурдро мувофиқи шартҳои ҳамин шартнома гирад ва онро мақсаднок истифода барад.
5.3.2. Ҷадвали пардохти қарзро риоя намояд ва мутобиқи он маблағи қарзро дар назди «Қарздиҳанда» пардохт намояд.
5.3.3. Дар ҳолати саривақт пардохт накардани маблағи қарзи асосӣ ва фоизҳои қарз, ҷаримаҳои ба ҳар як рӯзи батаъхирафтодаи пардохти маблағи қарзи ҳисобшударо пардохт намояд.
5.3.4. Ба намояндаи «Қарздиҳанда» дар мавриди гузаронидани таҳлили (мониторинг) истифодабарии қарз, тамоми маълумотҳоро аз ҷумла: маълумот дар бораи нишондиҳандаҳои молиявӣ, дар бораи мақсаднок истифода бурдани маблағи қарзи хурд ва оид ба пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, бо иловаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод намояд. Намояндаи «Қарздиҳанда»-ро ба утоқи хизматӣ, истеҳсолӣ, анборҳо ва дигар ҷойҳо рухсат диҳад ва бо талаби он маълумотҳои пурсидашударо тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ пешниҳод намояд.
5.3.5. Дар ҳолати фурӯши дороиҳои худ, инчунин дар ҳолати баромад кардан ба сифати кафил ва ё гаравмон аз рӯи ӯҳдадориҳои дигар, инчунин дар ҳолати гирифтани қарз аз дигар ташкилотҳои қарзӣ, тағйир ёфтани шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ (азнавташкилдиҳӣ), иваз намудани суроғаи ҳуқуқӣ «Қарзгиранда» дар муддати 5 (панҷ) рӯз аз лаҳзаи қабули қарори дахлдор, «Қарздиҳанда»-ро оиди ин амалҳо фавран хабардор намояд.
5.3.6 Дар ҳолати батаъхир афтодани пардохти маблағҳо, онро мувофиқи тартиби дар банди 3.7. пешбинигардида пардохт намояд.
5.3.7. Расидҳои хазинавии пардохти қарзро то ба пуррагӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳо нигоҳ дорад, зеро онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохт мебошанд.
5.3.8. Қарзгиранда барои аз ҷониби намояндагони Барномаҳои қарзӣ (доннорҳо ва инвесторҳо) ташриф омадан ба минтақаҳои фаъолият ва зисти ӯ, бо мақсади санҷидани мақсаднок истифодабарии қарз, иҷозат медиҳад.
**5.4. «Қарздиҳанда» уҳдадор аст:**

5.4.1. Ба «Қарзгиранда» маблағҳои қарзро мувофиқи шартҳои шартнома пешниҳод намояд.
5.4.2. Аз «Қарзгиранда» маблағи қарзи пешниҳодкардаашро мувофиқи тартиби дар банди 3.8. фасли мазкур пешбинигардида пеш аз мухлат қабул намояд.
5.4.3. Ба бюрои таърихи қарз (Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда) дар бораи Қарзгиранда ва воқеияти аз ҷониби Қарзгиранда иҷро намудани ухдадориҳои ӯ тибқи Шартномаи мазкур маълумот пешниҳод намояд. Дар баробари пешниҳод намудани ариза-дархост, Қарзгиранда розигии худро барои он медиҳад, ки маълумот дар бораи ӯ, инчунин иҷрои ухдадориҳои ӯ тибқи Шартномаи мазкур ба Бюрои таърихи қарзӣ пешниҳод карда мешаванд.
5.4.4. Бо талаби хаттии «Қарзгиранда» ба ӯ маълумотнома оид ба пардохти (рӯйпуши) маблағи қарзро пешниҳод намояд.
5.4.5. «Қарзгиранда»-ро 5 (панҷ) рӯз пеш аз татбиқ намудани чорабиниҳое, ки дар қисми 6 фасли мазкур нишон дода шудааст, ба тариқи хаттӣ огоҳ намояд.
5.4.6. Ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо «Қарзгиранда» «Қарздиҳанда» ӯҳдадор мебошад, маълумот дар бораи фаъолияти тиҷоратию хоҷагидории «Қарзгиранда»-ро ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон махфӣ нигоҳ дорад.

## 6. ҲОЛАТҲОИ ИҶРО НАКАРДАН

6.1 Аз тарафи «Қарзгиранда» пардохт накардан ва ё нопурра пардохт кардани маблағи қарз роҷеъ ба Ҷадвали пардохтҳо.
6.2 «Қарзгиранда» ягон шарт ва ӯҳдадориҳои шартнома дар бораи қарзи хурдро иҷро накардааст, аз он ҷумла, қарз ғайримақсаднок истифода бурда шудааст.
6.3 Дар давраи истифодабарии маблағи қарз «Қарзгиранда» дар ҳолати муфлисшавӣ қарор дорад ва ғайри қобили амал дониста шудааст.
6.4 Ҳолати молиявии «Қарзгиранда» хароб гашта, ба тағйироти номусоид дучор гардидааст, ки аз нигоҳи «Қарздиҳанда» ин ҳолат ба қобилияти пардохтпазирии «Қарзгиранда» таъсири манфӣ мерасонад.
6.5 «Қарзгиранда» бо талаби «Қарздиҳанда» таъминоти қарзиро иваз ё таъминоти иловагӣ пешниҳод накардааст.
6.6 Ҳолатҳои дигар, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд.

## 7. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

7.1 «Тарафҳо» барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шарт ва ӯҳдадориҳо аз рӯи шартнома дар бораи қарзи хурд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.
7.2 Дар ҳолати мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо саривақт пардохт накардан ва ё пардохти нопурраи маблағи қарзи хурд баъди ҳар як давраи пардохти навбатӣ, ҷарима ба андозаи 0,5% аз маблағи батаъхирафтода барои ҳар як рӯз ситонида мешавад. Ҳисоби ҷарима аз бақияи қарзи асосӣ ва фоизҳо, ки мувофиқи ҷадвали пардохт батаъхир гузошта шудааст, анҷом дода мешавад.

7.3 Ҷарима аз пардохтҳои моҳонаи маблағи батаъхиргузошташудаи маблағи қарзи хурд дар муддати то 30 рӯз баъди адои мӯҳлати шартномаи қарзи хурд ҳисоб карда мешавад. Инчунин, баъди соати 16:00 рӯзи муқарраргардидаи пардохти маблағҳои қарзи хурд ба хазинаи «Қарздиҳанда» ва тариқи терминалҳои қабули пардохтҳо ворид шудани маблағ, ё ба тариқи ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтии «Қарздиҳанда», инчунин тавассути воситаҳои электронии пардохтии дигар ташкилотҳои қарзӣ на дертар аз соати 17:00 он бе ситонидани ҷарима қабул карда мешавад. Пардохти ҷарима «Қарзгиранда»-ро аз иҷрои ӯҳдадориҳо ва бартараф намудани ҳолатҳои иҷро накардани шартномаҳо озод намекунад.

7.4 Масъулият барои иҷро намудани Шартномаи мазкур дар ҳолати тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии «Қарзгиранда» (азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ё дигар ҳолатҳо) ба вориси ҳуқуқии ӯ ё ба ташкилоти болоии он вогузошта мешавад.

7.5 Дар ҳолати тағйир ёфтани нархи бозор ба тарафи камшавӣ, бадшавӣ ё нобудшавии амволи ба гарав гузоштащуда (таҳти истифодабарӣ, доштан ё нигоҳ доштани «Қарзгиранда»), «Қарзгиранда» дар назди «Қарздиҳанда» масъулияти пурраи молумулкиро бо тамоми амволаш то пурра иҷро намудани ӯҳдадорӣ, бар дӯш дорад.

7.6 Дар ҳолати дер ё нодуруст ба суратҳисоби Қарзгиранда гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Қарздиҳанда бояд барои ҳар рӯзи таъхир ба Қарзгиранда аз рӯи маблағи мухлати пардохташ батаъхирафтода ба андозаи 0,5% ҷарима супорад.

## ФАСЛИ 6.ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗИИ ОВЕРДРАФТ

### 1. Мазмуни пешниҳоди қарзии овердрафт

1.1. «Қарздиҳанда» ӯҳдадор мешавад, ки дар ҳолати норасоӣ ва набудани маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби «Мизоҷ-Қарзгиранда» бо ҳудуди яквақтаи қарзӣ ба маблағи Шартномаи қарзи хурди овердрафт пешбинӣ шуда ба мӯҳлати дар Шартномаи қарзи хурди овердрафт муқарраргардида ба «Мизоҷ-Қарзгиранда» қарз диҳад.

1.2. Маблағҳои қарз барои пардохти ҳуҷҷатҳои пулию ҳисобии «Мизоҷ-Қарзгиранда» дар доираи фаъолияти оинномавиаш ба суратҳисоби ӯ ки дар Ташкилот кушодааст, дар асоси дархости «Мизоҷ-Қарзгиранда» пешниҳод карда мешавад.

1.3. Маблағи қарзи хурди додамешуда бо тарз ва ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

а) Фарқияти байни маблағҳои умумии ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ (пардохтӣ) оиди соқит аз ҳисоб, ки «Мизоҷ-Қарзгиранда» пешниҳод кардааст ва бақияи воқеии маблағи пулӣ дар ҳисоби ӯ дар рӯзи амалӣ намудани ҳисоббаробаркунӣ (пардохт) ҳисобӣ карда мешавад.

б) Ҳудуди қарзи хурди додамешуда бо роҳи тарҳ кардан аз маблағи ҳудуди дар банди 1.1 нишон додашуда ва бақияи қарзи «Мизоҷ-Қарзгиранда» дар назди

«Қарздиҳанда», ки пештар дода шуда буд, дар доираи Шартномаи мазкур муайян карда мешавад.

в) Маблағи якдаъфина пешниҳодшавандаи қарзие, ки дар зербанди а) муқаррар шудааст бо ҳудуди қарзии пешниҳодшаванда, ки дар зербанди б) муқаррар шудааст, ҳисоб ва муқоиса карда мешавад. Агар маблағи якдаъфина пешниҳодшавандаи қарзи маблағи ҳудудро қонеъ гардонад, он гоҳ гузаронидани амалиётҳои қарзии «Мизоҷ-Қарзгиранда» мумкин аст.

1.4. Санаи пешниҳоди қарз рӯзи аввалине, ки «Қарздиҳанда» дар доираи ҳудуд суратҳисоби «Мизоҷ-Қарзгиранда»-ро маблағгузорӣ менамояд ҳисобида мешавад.

1.5. Бақияи қарзи хурди овердрафтии «Мизоҷ-Қарзгиранда», дар назди «Қарздиҳанда» дар суратҳисоби ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

1.6. Дар мӯҳлати муайяншудаи банди 1.1. бақияи қарзи хурди овердрафтии «Мизоҷ-Қарзгиранда» метавонад якчанд маротиба дар доираи ҳудуди қарзи хурди овердрафтӣ барқарор шавад. «Мизоҷ-Қарзгиранда» ӯҳдадор аст, ки ӯҳдадориҳои қарзии мунтазам пайдошавандаро тибқи ҷадвали пардохтҳо пардохт кунад ва муҳлати бефосилаи ӯҳдадории ҳисоби қарзӣ наметавонад аз муҳлати дар Шартномаи қарзи хурди овердрафт муқаррар гардида, бояд ба сифр баробар карда шавад.

1.7. Пардохти қарзи овердрафтӣ аз рӯзи дигар аз санаи додани қарз аз тарафи «Қарздиҳанда» ба тариқи беаксептӣ оғоз шуда, ҳамаи воситаҳои пулии ба суратҳисоби «Мизоҷ-Қарзгиранда» воридшаванда аз ҳисоб соқит карда мешавад.

## 2. Пардохти фоиз

2.1. Барои истифодаи қарзи овердрафтӣ «Мизоҷ-Қарзгиранда» ба «Қарздиҳанда» ба меъёри дар Шартномаи қарзи хурди овердрафтӣ муқарраршударо пардохт менамояд.

2.2. Маблағи пардохти фоизҳои ҳисобкардашуда аз тарафи «Мизоҷ-Қарзгиранда» ба ҳисоби даромади «Қарздиҳанда» равона карда мешавад.

2.3. Фоизҳо аз рӯи бақияи воқеии қарз ба аввали рӯзи амалиётӣ вобаста аз миқдори рӯзҳо дар як сол (360 рӯз) истифодаи қарзи овердрафтӣ ҳисоб карда мешаванд.

2.4. Ҳангоми риоя накардани муҳлатҳои баргардонидани қарзи овердрафтӣ, мувофиқи банди 1.1-и фасли мазкур ва ворид нашудани маблағ ба суратҳисоби ӯ барои пардохт, «Мизоҷ-Қарзгиранда» дар ҳаҷми дар Шартномаи қарзи хурди овердрафтӣ муқарраршударо то санаи баргардонидани воқеии он пардохт менамояд.

## 3. Пардохти қарзи асосӣ

3.1. «Мизоҷ-Қарзгиранда» қарзи овердрафтиро дар муҳлати на дертар аз муҳлати дар Шартномаи қарзи хурди овердрафт муқарраргардида бармегардонад.

3.2. Агар маблағи воридшудаи «Мизоҷ-Қарзгиранда» пардохти фоизҳои ҳисобшудаю наситонида, қарзҳои муҳлатнок ва муҳлаташ гузаштаро таъмин карда

натавонад, дар навбати аввал фоизҳо, баъдан қарзҳои асосӣ пардохт карда мешаванд.

## 4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафайн

**4.1. «Қарздиҳанда» ӯҳдадор аст:**

4.1.1. Дар доираи ҳудуди кушода ва дар муҳлати муайяншудаи Шартномаи қарзи хурди овердрафт қарзи овердрафтӣ ҷудо менамояд. Дар рӯзҳои корӣ, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, «Мизоҷ-Қарзгиранда»-ро маблағгузорӣ намояд, бо шарти аз тарафи «Мизоҷ-Қарзгиранда» иҷроиши ӯҳдадориҳо мувофиқи Шартномаи мазкур.

**4.2. «Мизоҷ-Қарзгиранда» ӯҳдадор аст:**

4.2.1. Қарзи овердрафтӣ ва фоизҳои онро дар муҳлати муайяншудаи банди 1.1-и фасли мазкур саривақт пардохт намояд.

4.2.2. Дар ҳолати барҳамхурӣ ва ё аз нав ташкилдиҳӣ ва то гузаронидани ин чорабиниҳо дар давоми 10 рӯз ӯҳдадориҳояшро новобаста аз муҳлати муайяншудаи Шартномаи мазкур пеш аз муҳлат пурра пардохт намояд.

4.2.3. Бо талаби «Қарздиҳанда» тамоми маълумот ва ҳуҷҷатҳои лозима барои назорати иҷрои шартҳои Шартномаи мазкур пешниҳод намояд.

4.2.4. Ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо «Мизоҷ-Қарзгиранда» «Қарздиҳанда» ӯҳдадор мебошад, ки маълумот дар бораи фаъолияти тиҷоратию хоҷагидории «Қарзгиранда»-ро, ба истисноИ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон махфӣ нигоҳ дорад.

**4.3. «Қарздиҳанда» ҳуқуқ дорад:**

4.3.1 Дар ҳолати пайдо шудани қарзҳои муҳлаташ гузашта ва фоизҳои пардохт нашуда аз рӯи Шартномаи мазкур:

-минбаъд мавқуф гузоштани қарзгузорӣ;

-пеш аз мӯҳлат талаб кардани пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳои он аз рӯи Шартномаи мазкур дар давоми 3 рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод кардани талаб аз тарафи «Қарздиҳанда» ба «Қарзгиранда»;

-ба тариқи беакседтӣ ситонидани маблағҳои қарзи овердрафтӣ аз ҳамаи ҳисобҳои «Мизоҷ-Қарзгиранда», ки дар Ташкилот кушодааст;

-аз ҳисоби дигар амволҳои «Қарзгиранда», қарзро ситонад.

4.3.2. Дар ҳолати ҳабси воситаҳои пулӣ, маҳдуд намудани амалиёт дар суратҳисоб ва ворид шудани ҳуҷҷатҳо оиди ба тариқи беаксептӣ соқит намудан аз ҳисоб ба фоидаи шахсони сеюм қарзгузориро мавқуф гузорад.

4.3.3. Ба тариқи беаксептӣ (бо ордери мемориалӣ) ситонидани маблағҳои пуллии ба ҳисоби «Мизоҷ-Қарзгиранда» воридшуда ва барои пардохти қарз равона намудани он дар муддати амали Шартномаи мазкур.

4.3.4. Барои тафтиши мунтазами «Қарзгиранда» дар низоми Бюрои таърихи қарзӣ розигии бемуҳлат ва бе маҳдудияти шумораи тафтишҳо ба «Қарздиҳанда» аз ҷумла дар ҳолатҳои зерин, вале бо онҳо маҳдуднашуда медиҳад: тафтиши дархости

«Қарзгиранда», бо мақсади мониторинги давра ба давра, бо мақсади омода намудани пешниҳоди қарзӣ ба «Қарзгиранда» бо ташаббуси Ташкилот ва ғайра.

**4.4. «Мизоҷ-Қарзгиранда» ҳуқуқ дорад:**

4.4.1. Дар ҳолати набудани ӯҳдадорӣ аз рӯи қарзи овердрафтӣ додашуда, ё ин ки фоизҳо барои истифодаи он «Қарздиҳанда»-ро 10 рӯзи тақвимӣ пештар ба тариқи хаттӣ огоҳ намуда, Шартномаи мазкурро бекор намояд.

## ФАСЛИ 7. ХИЗМАТРАСОНӢ БА ДОРАНДАГОНИ КОРТҲОИ КОРПОРАТИВӢ

### 1. Мавзӯи хизматрасонӣ ба дорандагони кортҳои корпоративӣ

1.1. Мавзӯъи Шартномаи мазкур кушодан ва пешбурди ҳисоби бонкӣ ва шартҳои пешниҳоду истифодабарии корти корпоративии бонкии ҶСП ТАКХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» дар бар мегирад, ки аз ҷониби дорандаи он бинобар анҷомдиҳии амалиёти пардохтию ҳисобӣ ва гирифтани воситаҳои пулӣ сурат мегирад.

1.2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳо тибқи фасли мазкур бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, Шартномаи мазкур, Тарофаҳои Ташкилот ва Қоидаҳои истифодабарии корт (минбаъд "Қоидаҳо") муайян карда мешаванд.

1.3. Мутобиқи Аризаи Мизоҷ барои дарёфти корти бонкӣ (минбаъд "Ариза") Ташкилот дар давоми 15 рӯзи бонкӣ пас аз ба имзо расонидани Шартномаи мазкур дар асоси Қоидаҳо ва вориди воситаҳои пулӣ ба ҳисоби бонкӣ ба Мизоҷ бинобар анҷомдиҳии амалиётҳо Корт пешниҳод мекунад.

1.4. Ҳамзамон ба Мизоҷ дар якҷоягӣ бо корт ПИН-лифофа супурда мешавад, ки дар он ПИН-рамзи махфии Дорандаи корт дарҷ ёфтааст ва набояд ба шахсони сеюм маълум карда шавад.

### 2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо

**2.1. Мизоҷ вазифадор аст:**

2.1.1. Пешниҳоди маълумоти зарурию эътимоднок ва Ариза тибқи намунаи муқарраршуда ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумот (нусха) барои ба расмият даровардани корт.

2.1.2. Анҷом додани амалиёт бо истифодаи корт дар ҳудуди бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисоби худ, роҳ надодан ба овердрафт ва риояи меъёри харҷи якрӯза дар сурати муқаррар кардани он. Меъёри стандартии харҷи якрӯза вобаста ба навъи корт муқаррар карда шуда, метавонад бо дархости Мизоҷ тибқи Тарофа тағйир дода шавад.

2.1.3. Подоши маблағи амалиётҳои анҷомдода бо истифодаи корт ба Ташкилот ва пардохти хизматрасонии Ташкилот мутобиқи Тарофаҳо, инчунин қоидаҳои Низоми пардохтӣ.

2.1.4. Риояи қатъии Қоидаҳои истифодабарии корт ва анҷом надодани амалиётҳо вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияте, ки ба қонунгузории ҶТ ва Қоидаҳои Ташкилот мухолифат дорад.

2.1.5. Нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳое, ки бо истифодабарии корт анҷом дода мешаванд (ҳисобҳо, чекҳо, пардохтнома) то ба охир расидани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи корт ва пешниҳоди онҳо бо дархости Ташкилот бинобар ба танзим овардани масъалаҳои баҳсӣ.

2.1.6. Дар сурати маҳрум (гумшавӣ, рабудашавӣ) гардидан аз корт фавран огоҳ намудани Ташкилот тавассути телефон ё факс ва дар давоми 2 рӯз пешниҳоди аризаи хаттӣ (мавриди

дурдастии маҳалли ҷойгиршавӣ – ирсоли ариза тавассути факс бо имзои шахсӣ, ки дар Ариза оид ба дарёфти корт дарҷ ёфтааст).

2.1.7. Подоши хароҷоти Ташкилот вобаста ба тамоми амалиётҳое, ки аз ҷониби шахсони сеюм то лаҳзаи басташавии корт ё худ дарҷи рақами корт дар Варақаи манъ анҷом дода шудааст, инчунин мавриди басташавии корт (ҳангоми дарҷи рақам дар Варақаи манъ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза то лаҳзаи воқеан дарҷёбии рақам дар Варақаи манъ) – хароҷот аз рӯи амалиёте, ки бидуни иҷозат (авторизатсия) анҷом дода мешаванд.

2.1.8. Мавриди пайдоиши овердрафт пӯшонидани қарзи Ташкилот на дертар аз рӯзи минбаъдаи корӣ аз лаҳзаи пайдоиши он.

2.1.9. Ба тариқи хаттӣ огоҳ намудани Ташкилот оиди ҳама гуна тағйирот вобаста ба маълумоти дар Ариза дарҷ ёфта дар давоми 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани чунин тағйирот.

2.1.10. Гирифтани иқтибос аз рӯи ҳисоб дар давоми 10 (даҳ) рӯз аз рӯзи дуюми баъди анҷомдиҳии амалиёт ва дар сурати норозигӣ бо он, пешниҳоди эътирози хаттӣ ба Ташкилот (мавриди дурдастии маҳалли ҷойгиршавӣ – тавассути факс) дар дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани иқтибос, ҷиҳати танзими масъалаҳои баҳсӣ.

2.1.11. Огоҳ намудани Ташкилот дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ пас аз гирифтани иқтибос аз рӯи ҳисоб дар бораи саҳван ба ҳисоби ӯ гузаронидани воситаҳои пулӣ ва баргардонидани маблағи мазкур ба Ташкилот дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ.

**3.2. Ташкилот вазифадор аст:**

3.2.1. Кушодани ҳисоби кортӣ барои Мизоҷ бо асьори сомонӣ.

3.2.2. Таҳия ва супурдани корт ба номи Мизоҷ/Доранда дар давоми 2 рӯзи бонкӣ пас аз ба таври дахлдор ба имзо расидани Шартномаи мазкур ва воридшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоб.

3.2.3. Таъмини хизматрасонии ҳисоб ва амалиёти Дорандаи корт мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи меъёрҳои аз ҷониби Низоми пардохтӣ қабулгардида.

3.2.4. Шиносонидани Дорандаи корт бо Тарофаҳо ва Қоидаҳо ва саривақт хабардор намудани ӯ оиди воридшавии тағйирот ба Тарофаҳо ва Қоидаҳо бо роҳи пешниҳоди маълумоти дахлдор дар якҷоягӣ бо иқтибоси ҳармоҳа аз рӯи ҳисоб (як моҳ пеш аз он моҳе, ки тағйирот мавриди амал қарор дода мешавад), инчунин – ҷойгиркунии маълумот дар ҷойҳои хизматрасонӣ ба Дорандагони корт.

3.2.5. Таъмини ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиёте, ки бо истифодаи корт анҷом дода мешавад.

3.2.6. Пешниҳоди иқтибос ба Мизоҷ. Дар сурати ворид нагардидани эътироз аз ҷониби Мизоҷ дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани иқтибос он тасдиқгардида эътироф мешавад.

3.2.7. Пешниҳоди иқтибос аз рӯи ҳисоби Мизоҷ бо дархости ӯ.

3.2.8. Боздоштан (бастан) ва ё қатъ гардонидани амали корт мавриди гирифтани аризаи дахлдори Мизоҷ, аз он ҷумла ҳангоми гумшавӣ ва ё ивази корт, бекоркунии пеш аз мӯҳлати Шартнома, ё худ интиҳои мӯҳлати амали корт ва Шартнома.

3.2.9. Дар сурати бекоркунии пеш аз мӯҳлати Шартнома ё худ интиҳои мӯҳлати амали Шартнома ва корт ба Мизоҷ баргардонидани бақияи воситаҳои пулӣ аз рӯи ҳисоб, ки пас аз анҷомдиҳии тамоми ҳисоббаробаркуниҳо ба вуҷуд меоянд, бо гузашти 45 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи баргардонидани корт аз ҷониби Дорандаи он. Баргардонидани воситаҳои пулӣ тариқи хазинаи Ташкилот ё худ бо роҳи интиқоли маблағ ба ҳисоби ишоранамудаи Мизоҷ.

3.2.10. Махфӣ нигоҳ доштани сирри бонкӣ аз рӯи амалиётҳои Дорандаи корт.
3.2.11. Ҳангоми муроҷиат намудани Мизоҷ тариқи дархости хаттӣ, Ташкилот ҳар моҳ як маротиба ба таври ройгон беруннависи суратҳисобашро ба таври хаттӣ пешниход менамоянд.

**3.3. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:**

3.3.1. Пешниҳоди даъво дар сурати норозигӣ бо иқтибос ё худ пайдоиши масъалаҳои баҳсӣ доир ба амалиётҳои анҷомдода ва дархости ҳуҷҷати тасдиққунандаи Ташкилот оид ба дурустии харҷи воситаҳои пулӣ. Ҳамзамон пайдоиш ва баррасии вазъиятхои баҳси бо муҳлати 10-рӯз маҳдуд нагардида, (б.2.1.5) дар давоми 70 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи анҷомдиҳии амалиёт ба танзим оварда мешаванд.
3.3.2. Дар сурати норозигӣ бо Тарофаҳои нави тасдиқгардидаи Ташкилот аз истифодабарии корт дасткашида шуда, корт ба Ташкилот супорида мешавад.
3.3.3. Гирифтани корти нав дар сурати маҳрумшавӣ (гумшавӣ, рабудашавӣ) аз корти қаблан дарёфтшуда, вайроншавӣ ё худ осеби механикии он , инчунин – ивази ПИН-рамз.
3.3.4. Боздоштан (бастан) ё худ қатъи пешазмуҳлати амали корт (аз он ҷумла иловагӣ) ё ин ки гузаронидани амалиёт аз рӯи ҳисоб ва ё бекоркунии пешазмуҳлати Шартнома бо пешниходи аризаи хаттӣ ба Ташкилот.

**3.4. Ташкилот ҳуқуқ дорад:**

3.4.1. Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи Шартнома ва Қоидаҳо амали Шартнома ё худ истифодаи корти (кортҳо) Мизоҷ/Дорандаро боздорад ва қатъ намояд бо истифодаи чунин чораҳо:

- ✓ бастани корт дар базаи иҷозатӣ (авторизация) ё худ рафъи рақам аз базаи маркази процессингӣ (радди иҷозат);
- ✓ барқароркунии бақияи дастрасии сифрии маблағҳо (меъёри харҷӣ);
- ✓ дарҷи рақами корт ба Варақаи манъи системаи пардохтӣ;
- ✓ барқароркунии фармоиш ҷиҳати хориҷшавии корт (Pick up) ва воридкунии он ба "negative file";
- ✓ радди ивазкунӣ ё худ барқароркунии корт.

3.4.2. Аз ҳисоби Мизоҷ баровардани воситаҳои пулӣ тибқи тартиби ғайриакселтӣ, ки мутобиқи банди 2.1. Фасли мазкур мавриди нокифоягии воситаҳо кушода шудааст – аз тамоми ҳисобҳои Мизоҷ, ки дар Ташкилот кушода шудаанд, ба андозаи маблағи:

- ✓ амалиётҳои бо истифодаи корт (кортҳо) анҷомёфта мутобиқи ҳуҷҷатҳои аз Низоми пардохтӣ воридгардида;
- ✓ комиссия ва ҷаримаҳои Ташкилот барои хизматрасонии солонаи Дорандаи корт тибқи Тарофа;
- ✓ овердрафт, фоизҳо аз рӯи он ва ҷарима бинобар батаъхиргузории баргардонидани он тибқи иқтибоси Ташкилот;
- ✓ саҳван ба ҳисоби Мизоҷ гузаронидашуда.

Ба таври дахлдор имзо намудани Шартномаи мазкур Мизоҷ ин ҳуқуқро тасдиқ ва ба Ташкилот пешниҳод мекунад.

3.4.3. Тағйир додани Тарофа ва Қоидаҳо, бо огоҳ намудани Мизоҷ/Доранда бо шартҳои банди 3.2.4.

**4. Масъулияти Тарафҳо**

4.1. Дар сурати вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур Тарафҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

4.2. Вобаста ба амалиётҳое, ки бо истифодаи ПИН-рамз анҷом дода мешаванд, Ташкилот ҷавобгар набуда, даъвоҳоро қонеъ намегардонад.

4.3. Ташкилот бинобар анҷом надодани амалиёт бо истифодаи корт дар сурати вайроншавии кори таҷҳизоти электронӣ-техникии маркази просессингӣ ва эквайрер ҷавобгар нест.

4.4. Мавриди аз ҷониби Мизоҷ барнагардонидани овердрафт дар давоми мӯҳлати муайяншуда, Мизоҷ аз ҳисоби бақияи қарзӣ барои ҳар як рӯзи батаъхиргузори ба Ташкилот ба андозаи 1 % ҷарима пардохт мекунад.

4.5. Тарафҳо барои пурра ва ё қисман иҷро накардани ӯҳдадориҳои хеш тибқи Шартномаи мазкур аз ҷавобгари озод карда мешаванд, агар исбот намоянд, ки чунин амал дар натиҷаи фарорасии ҳолатҳои ногузир, яъне фавқулодда пас аз бастани Шартномаи мазкур ба вуқӯъ пайвастааст. Мавриди амал қарор гирифтани ҳолатҳои ногузирро Тарафҳо бояд бо ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти босалоҳият тасдиқ намоянд. Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки дар бораи фарорасии ҳолатҳои ногузир ҳамдигарро фавран хабардор намоянд.

4.6. Дар холати аз чониби «Мизоҷ» талаб намудани воситахои пулли ва аз чониби «Ташкилот» саривакт барнагардонидани он (бо назардошти шартхои Шартномаи пасандози), «Ташкилот» уҳдадор мешавад, ки ба «Мизоҷ» аз маблаги бакияи воситахои пулли барои хар як рузи ба таъхиргузоштташуда дар хачми мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима пардохт намояд.

**Замимаи №1 ба Фасли 7. ХИЗМАТРАСОНӢ БА ДОРАНДАГОНИ КОРТҲОИ КОРПОРАТИВӢ**

## ҚОИДАҲОИ ИСТИФОДАИ КОРТҲОИ КОРПОРАТИВИИ БОНКӢ дар ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»

### 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

1.1. Корти пардохтӣ воситаи барасмиятдарории пардохти ғайринақдӣ мебошад, ки истифодаи он дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартномаи байни Мизоҷ ва ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» (минбаъд Ташкилот), инчунин ҳамин Қоидаҳо ба танзим дароварда мешавад.

### 2. ГИРИФТАНИ КОРТ ВА ИСТИФОДАИ ОН

2.1. Мизоҷ – дорандаи корт ӯҳдадор аст, ки дар ҳузури корманди Ташкилотҳангоми гирифтани он фавран Кортро бо хомаи сақочадор (шариковая ручка) имзо гузорад.

2.2. Корт то рӯзи охирони моҳ ва соли дар он дарҷгардида эътибор дорад.

2.3. Корт воситаи шахсии пардохт мебошад. Истифодаи корт танҳо ба шахсе, ки ному насабаш дар рӯйи корт ва имзои он дар пушти корт мавҷуд аст, имконпазир мебошад. ПИН – рақами шиносоии шахсӣ (персональный идентификационный номер), рақами 4-адада мебошад, ки дар лифофаи махсус ҳамроҳи Корт ба соҳибаш дода мешавад. ПИН мушобеҳ ба имзои дастнавис

ҳангоми иҷрои амалиёт мебошад. Додани корт ва ПИН ба шахси дигар қатъиян манъ аст.
2.4. Ҳангоми истифодаи корт барои пардохти молхо/хизматрасониҳо Дорандаи он дарҷи дурустии рақами пурраи Корт, маблағ ва санаи амалиётро баррасӣ намояд, ба ҳисоб ё иқтибос аз терминали хазина имзо мегузорад. Дорандаи корт барои дурустии маълумоти дар ин ҳуччат дарҷҷгардида масъулият дорад. Амалиёти гирифтани пули нақд аз банкомат дар ҳолати иҷрои ҳамаи амалиётҳои зарурии вобаста ба он наметавонад мавриди таҷдиди назар қарор гирад.
Доранда бояд мутаваҷҷеҳи он бошад, ки рақами корти ӯ ба ашхоси бегона ошкор нашавад. Маълумот дар бораи мушахассоти корт метавонад ҷиҳати иҷрои амалиётҳои тақаллуби аз рӯйи ҳисоби шумо аз тарафи ашхоси табаҳкор истифода шавад. Ташкилот шадидан тавсия мекунад:
a) Корт ва бештар аз ин ПИН-коди худро дар ҳеч шароите ба ашхоси бегона надиҳед ҳатто ба хешовандон ва дӯстонатон).
b) Бе зарурат кортро ба шахси бегона нишон надиҳед, то ин ки касе натавонад онро нусхабардорӣ кунад ё рақами корти шуморо ба хотир гирад ва аз пули шумо истифода намояд.
c) Нисбат ба корт эҳтиёткор бошед, онро қад (хам) накунед ва онро дар ғилофаки махсус ва ё ьамён нигоҳ доред, чунки корт азпластик сохта шудааст.
d) Кӯшиш намоед, ки ба рахҳои магнитии дар пушти корт буда даст назанед.
e) Дар рӯйи корт қайд, аломат ва харош намонед, аз таъсири ҳарорати баланди гармӣ, афканишоти сахти электромагнитӣ ва дигар омилҳои бади муҳити зист эҳтиёт намоед.
f) Дар сурати дар муддати 20 сония нагирифтани корти баргардонидашуда ва маблағи пули додашуда аз Банкомат, низоми муҳофизатӣ ба кор оғоз менамояд ва бо мақсади ҳифзи пулӣ ба дохили Банкомат кашида дароварда шуда дар қисмати махсус нигоҳ дошта мешавад. Баргардонидани корт дар чунин ҳолат танҳо пас аз муайян кардани сабаби нигоҳ доштани корт аз ҷониби Ташкилотамалӣ карда мешавад; барқарорнамоии маблағи амалиётӣ (ва ё гирифтанашудаи он) аз рӯи далели авторизатсияе, ки аз суратҳисоби корти Дорандаи кортбардошт шудааст, метавонад танҳо пас аз азнавмаблағгузории (переинкассатсия) Банкомат ва муайяннамоии маблағи нақдӣ аз тарафи Дорандаи кортгрифта нашуда, амалӣ карда шавад.
g) Сабабҳои боздоштани корт ва ё пули нақд дар Банкомат аз тарафи Ташкилотдар муҳлати кутоҳтарин муайян карда шуда, фавран чораҳои зарурӣ пас аз муроҷиати хаттӣ ва ё шифоҳии соҳиби корт, андешида мешавад.
2.5. Дорандаи корт бояд ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба амалиётҳо бо истифодаи корт то танзими ҳамаи даъвоҳои вобаста ба иқтибоси (баёнияи) минбаъда нигоҳдорӣ намояд. Ҳуччатҳои мазкур ҳангоми танзими дигар масъалахо бо мақомоти гумрук ва ё дигар мақомотҳои назоратӣ ва суд муфид хоҳанд буд, масалан чек метавонад қонунӣ будани маблағи гирифта ва харҷи онро шаҳодат диҳад.
2.6. Дар ҳолати хариди молҳо ва хизматрасониҳо бо пардохти ғайринақдӣ, инчунин гирифтани пули нақд бо истифода аз корти пардохтӣ,

Ташкилотмаблағҳои муайянро аз ҳисоб тибқи муҳосибот бо истифодаи корти пардохтӣ, бепазира каср мекунад.
2.7. Каср аз ҳисоб аз рӯйи муҳосибот бо истифодаи корт танҳо дар асоси амалиётҳои иҷрошуда бо истифодаи корт ва ё дар ҳолати баргардонидани маблағ ҳангоми бастани ҳисоб амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин аз ҳисоб маблағ барои пардохти тарофа, ки Ташкилотмуқаррар кардааст, бепазира каср карда мешавад.
2.8. Мизоҷ ӯҳдадор аст, ки пайдо шудани овердрафтро (қарздориро) дар ҳисоб барои муҳосибот бо истифодаи корти пардохтӣ пешгирӣ намояд. Ҳангоми рух додани овердрафти техникӣ, Ташкилотфоизҳои ҳисобшударо каср мекунад, ки ҳачми онҳо дар Тарофа муқаррар гардидааст. Ташкилотҳуқуқ дорад, ки амали Кортро то лаҳзаи пардохти қарзи Доранда қатъ намояд.

## 3. ГУМ КАРДАНИ КОРТ ВА Ё ЭҲТИМОЛИЯТИ ИСТИФОДАИ БЕИҶОЗАТИ ОН

3.1. Дорандаи корт ӯҳдадор аст, ки барои пешгирии гум шудани (дуздӣ шудани) Корт ва ПИН-рамзи он ва ё истифодаи ғайриқонуни/беиҷозати он тадбирҳо андешад.
3.2. Тавсия дода мешавад, ки ПИН-рамзро дар хотир нигоҳ доред ва лифофаи ПИН-рамзро дар як макони эътимоднок барои бегонагон дастнорас гузоред. Нигоҳ доштани ПИН –рамз якчоя бо корт ва навиштани рақами корт дар лифофаи ПИН –рамз манъ аст.
3.3. Дар ҳолати ошкор гардидани гумшавии корт ва ё ПИН-рамз, хабардор шудан аз истифодаи беиҷозати он ва, агар бо кадом як сабабе банкомат Кортро ба Доранда барнагардонад, инчунин вобаста ба ҳамагуна ҳолатҳои ба ин монанд, Доранда ӯҳдадор аст, ки дар ин бора фавран ба Ташкилот бо телефони 11-22 (Маркази тамос) ва ё бо телефоне, ки дар пушти Корт сабт шудааст, иттилоъ диҳад.
3.4. Ҳамагуна муроҷиати шифоҳии Дорандаи корт барои боздошт (блокировка) бояд бо аризаи хаттӣ ба унвониТашкилот, ки дар он ҳолати гум шудани Корт ва ё ПИН-рамз ва ё маълумоти доштаи Дорандаи корт дар бораи истифодаи ғайриқонунии он, инчунин иттилоот дар бораи кай ва ба куҷо хабар додани Дорандаи корт оид ба ҳодисаи рухдода баён гардидааст, тасдиқ карда шавад. Ариза дар ҳолате ба тарзи муносиб ирсолгардида маҳсуб мешавад, ки агар он тавассути факс, мактуби фармоишӣ бо огоҳинома дар бораи қабул, ва ё мустақиман ба корманди Ташкилот, ки барои хизматрасонии Доранда масъул аст, супорида шуда бошад.
3.5. Дар иртибот бо шароити дар б.3.3. дарҷгардида Доранда ҳуқуқ дорад имконияти истифодаи кортро бо ҳар кадоме аз усулҳои дар поён зикршаванда маҳдуд ва қатъ намояд:
а) ба корманди Ташкилот барои боздошти корт бо пасгирифтан ҷиҳати тасдиқи пардохтҳо дастур диҳад. Пас аз 25 дақиқа баъди дархости Доранда аз тариқи телефон дар бораи боздошти корт, масъулият барои тамоми амалиётҳои мушаххасгардонии беиҷозат аз тарафи Доранда, ки бо истифода аз корт амалӣ

шудаанд ба ухдаи Ташкилот гузошта мешаванд;

b) ба корманди Ташкилот дар бораи зарурати ба стоп-лист ворид намудани корт дастур диҳад. Дар ин ҳолат масъулияти Ташкилот барои ҳамаи (аз ҷумла тасдиқнашуда) пардохтҳои иҷозатнадоштаи Доранда пас аз ҳашт соат баъди мурoҷиати телефонии Доранда ба миён меояд.

3.6. Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки маълумоти бадастомадаро дар бораи гум шудан/ва ё боздошти корт ба ухдадории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои андешидани чораҳои зарурӣ гузорад.

3.7. Дар ҳолати дарёфти корт Доранда, ки қаблан дар бораи гум шудан ва ё истифодаи ғайриқонуни корт арз намуда буд, фавран дар ин бора ба Ташкилот хабар диҳад ва сипас Кортро ба Ташкилот пас гардонад.

3.8. Пас аз маҳкам намудани корт дар асоси Аризаи Дорандаи корт аз тарафи Ташкилот корти нав ва ПИН-рамзи нав бароварда мешавад. Ивазнамоии корт ва барориши корти нав бар ивази корти гумшуда(дуздидашуда), дар асоси Аризаи Дорандаи корт амалӣ карда мешавад.

3.9. Ҳолатҳои иваз кардани корт:

– анҷоми мухлати амали корт;

- осеб дидани корт;

- ПИН-рамз маълум шуда бошад;

- ПИН-рамз аз хотир бароварда шавад.

## 4. ИҚТИБОС АЗ СУРАТҲИСОБ

4.1. Ба Мизоҷ – шахси воқеии аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ваколатдодашуда иқтибос шахсан дар асоси дархост ҳангоми мурочиат ба муассисаи Ташкилот ба ӯ хизматрасон дода мешавад. Дар ҳолати пайдо шудани даъво аз рӯйи иқтибос (баёния) бо телефони 11-22 (Маркази тамос) ё ин ки ба e-mail card@imon.tj мурочиат карда шавад

4.2. Дар ҳолати пайдо шудани даъвои Дорандаи корт нисбат ба амалиётҳои вобаста ба иқтибос Дорандаи корт ӯҳдадор аст дар мӯҳлати 10 рӯз аз рӯзи гирифтани иқтибос онро ба Ташкилот пешниҳод намояд. Ҳангоми даъво надоштани Дорандаи корт вобаста ба иқтибос дар давоми 10 рӯз аз лаҳзаи гирифтани он, иқтибос тасдиқшуда ҳисоб мегардад ва даъвоҳои минбаъда аз тарафи Ташкилотқабул карда намешаванд.

4.3. То ба танзим даровардани даъвоҳои ба Ташкилот воридшуда, маблағҳои қаблан ба ҳисоб дебетшуда барқарор карда намешаванд. Тамоми масъалаҳои баҳси аз рӯйи пардохт баъд аз дастрас шудани ҳуҷҷатҳо ҳал карда мешаванд.

4.4. Истифодаи корт бо мақсадҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла хариди мол ва хизматрасоние, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, мумкин нест.

## ФАСЛИ 8. ТАШКИЛИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ БО ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ПАРДОХТӢ

## 1. МАТЛАБИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ БО ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ПАРДОХТӢ

1.1. Ташкилот ба Муассиса хизматрасонии эквайрингиро барои қабул намудани пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз замимаи мобилии “IMONLINE” тариқи QR-рамз ва Корти пардохтӣ ва дигар воситаи электронии пардохтӣ ба роҳ мемонад. Муассиса бошад пардохти ҳаққи фурӯши мол/хизматрасониро бо истифода аз воситаи электронии пардохтӣ аз мизоҷонаш қабул менамояд ва ба Ташкилот барои хизматрасонии эквайрингӣ мутобиқи Замимаҳои дахлдор ҳаққи хизматрасониро пардохт мекунад.

1.2. Аз ҷониби Муассиса ба Эквайер аз рӯи ҳамаи амалиётҳои тариқи Корти пардохтӣ гузаронидашуда чекҳо пешниҳод карда мешавад. Чекҳо ба таври автоматӣ таҳия карда шуда, бо воситаи барномаи махсус ба Эквайер пешниҳод карда мешаванд.

## 2. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

2.1. Муассиса уҳдадор аст:

2.1.1. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ба амал баровардани фаъолияти қонунӣ вобаста ба матлаби Шартномаи мазкур заруранд, дошта бошад.

2.1.2. Ба Доранда дар муддати рӯзи пурраи кории Муассиса хизмат расонад. Ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи Корт, замимаи мобилии “IMONLINE” ва ё дигар воситаи электронии пардохтӣ ҳамчун асос нархҳоеро гирад, ки Муассиса барои ҳисоббаробаркунии нақдӣ муқаррар кардааст. Муассиса ҳуқуқ дорад, танҳо баъди огоҳии хаттии Ташкилот на дертар аз 1(як) рузи корӣ, хизматрасониро ба Доранда боздорад.

2.1.3. Ҳамаи қоидаҳои Ташкилотро, ки дар Фасли мазкур ва «Қоидаҳои истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ” (минбаъд дар матн Қоидаҳо) муқаррар шудааст, бечуну чаро иҷро намояд.

2.1.4. Таҷҳизоти Ташкилотро, ки ба Муассиса барои истифодабарии муваққатӣ пешниҳод шудааст, тибқи Дастур оиди кор бо Таҷҳизот истифода барад. Барои гум кардан, вайрон шудан ва талафи шакли молии (ба истиснои фарсудашавии табиии амортизатсионӣ) Таҷҳизоти Ташкилот, ки дар ҳудуди Муассиса таҷҳизонида шудааст, аз рӯзи ба имзо расидани Санади қабулу супориши таҷҳизот пурра ҷавобгар буда, ҳамаи хароҷотҳои Ташкилотро вобаста ба таъмир ё ивази таҷҳизот ҷуброн намояд.

2.1.5. Бо талаби Ташкилот Таҷҳизоти барои истифодабарии муваққатӣ додашуда, маводҳои дастурӣ ва ашёҳои хароҷотии истифоданашударо баргардонад.

2.1.6. Барои пайваст ва истифодабарии Таҷҳизот дар толорҳои савдои Муассиса ҷойи корие, ки бо қувваи барқии ~220В ва воситаи алоқа (мувофиқи нақшаи бо Ташкилот мувофиқшуда) ҷиҳозонида шудааст, мустақилона ташкил ва мушоиат намояд. Пайвастшавии Таҷҳизотро (дар вақтҳои зарурӣ) ба МНХ ё ба шабакаи

локалии ҳисоббарории Муассиса, дар асоси нақшаи бо Ташкилот мувофиқшуда, таъмин намояд.

2.1.7. Шахсони масъулро барои хизматрасонии Дорандагон ва ба расмият даровардани амалиётҳои тавассути воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашаванда, баъди огоҳии Ташкилот тибқи Дархост барои гузаронидани омӯзиш вобаста ба масъалаи бехатарии амалиёт, технологияи корӣ ва барасмиятдарории Ҳуҷҷатҳои даҳдлор бо истифодаи воситаи электронии пардохтӣ таъин намояд.

2.1.8. Барои гузаронидани амалиётҳо тавассути воситаи электронии пардохтӣ танҳо кормандонеро, ки тибқи талаботи дар банди 3.1.7. пешбинишуда, омӯзиши мувофиқ гузаштаанд, тибқи Санади гузаронидани омӯзиш роҳ диҳад.

2.1.9. Дар назди Ташкилот барои аз ҷониби ҳайати кормандони худ вайрон кардани талаботҳои Шартномаи мазкур, замимаҳои он ва маводҳои дастурии Ташкилот дар вақти пардохт бо воситаи электронии пардохтӣ ва ба расмиятдарории Ҳуҷҷатҳо, пурра ҷавобгар мебошад.

2.1.10. Дар ҷойҳои намоён Часпонишҳои (стикер, наклейка) Ташкилот бо логотипи низомҳои пардохтӣ ва дигар маводҳо, ва инчунин QR-рамзро дар назди хазина ва бо андозаи муқарраркардаи Ташкилот ҷойгир намояд, ки ба мизоҷони Муассиса оиди имконияти пардохти мол ва хизматрасонӣ бо истифода аз воситаи электронии пардохтии дар Номгӯй нишондодашуда, иттилоъ медиҳад.

2.1.11. Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки бо амалиётҳои тавассути воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашуда (Ҳуҷҷатҳо оиди амалиётҳои гузаронидашуда, ҳисоботҳо, забонхати мизоҷон оиди гирифтани мол/хизматрасонӣ) вобастаанд, на камтар аз 3 (се) сол аз рӯзи гузаронидани амалиёт нигоҳ дорад ва на дертар аз 5 (панҷ) рӯзи корӣ баъди пешниҳоди дархост онҳоро ба намояндаи Ташкилот супорад.

2.1.12. Дар мухлати амали Шартномаи мазкур, инчунин дар муддати 1(як) сол аз рӯзи қатъ шудани Шартномаи мазкур ҳамаи маблағҳое, ки дар асоси даъвоҳои низомҳои пардохтии дахлдор ва Эмитент барои амалиётҳои тавассути Корт ва амалиёти мобилӣ дар Муассиса гузаронидаанд ва минбаъд онҳо беэътибор дониста шуда, аз ҳисоби Ташкилот дошта шудаанд, ба Ташкилот пардохт намояд. Пардохтҳои муқарраршуда, тибқи талаботҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби Муассиса ба амал бароварда мешавад.

2.1.13. Оиди тағйир ёфтани нишониҳои (реквизитҳои) худ, Ташкилотро дар мухлати як рӯзи корӣ аз санаи ивазшавӣ ба таври хаттӣ хабардор намояд.

2.1.14. Дар ҳолати ғайриимкон будани хизматрасонӣ ба Дорандагон бо сабабҳои техникӣ, зарурияти гузаронидани таъмини сервисии Таҷҳизот, инчунин оиди ҳама намуди корношоямӣ, дуздӣ ё талафи Таҷҳизот, Ташкилотро дар муддати як рӯзи корӣ бо рақами телефонӣ ва/ё алоқаи факсималие, ки дар дастурҳои Ташкилот оиди кор бо таҷҳизот дарҷ шудааст, хабардор намояд.

2.1.15. Гирифтани Кортро аз Доранда тибқи талаботи боби 2-и Қоидаҳо ба роҳ монад.

2.1.16. Дар ҳолати тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани моли харидашуда ба Муассиса, Муассиса ҳуқуқ дорад, ки баргардонидани пулҳои Дорандаро талаб кунад. Талаби баргардонидани пулҳо ба воситаи электронии пардохтии (корт, замимаи мобилии "IMONLINE" ва ғайра) Доранда дар намуди супоришномаи пардохтӣ ба Ташкилот пешниҳод карда мешавад. Иҷрои супоришномаи пардохтии Муассиса бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии БМТ ва шартномаи суратҳисоби бонкӣ амалӣ мегардад. Ташкилот барои саривақт пешниҳод накардани супоршномаи пардохтӣ барои баргардонидани пулҳои Доранда масъул намебошад.

2.1.17. Симкорти аз тарафи Ташкилот барои истифодаи таҷҳизот додашударо ғайримақсаднок (симкортро аз таҷҳизот ҷудо накунад, зангҳо ва паёмҳои содиротиро иҷро накунад), истифода набарад.

2.2. Муассиса ҳуқуқ дорад:

2.2.1. Оид ба гузаронидани амалиётҳо бо воситаи электронии пардохтӣ маслиҳату тавзеҳоти иловагӣ гирад ва таҷҳизоту маводҳои зарурибро бо ин мақсад истифода барад.

2.2.2. Дар мухлати пешбинишудаи Номгӯй пардохти маблағи амалиёти хариди мол (пардохти хизматрасонӣ), ки тавассути корт аз Терминалҳои дар Муассиса ҷойгиркардашуда ва бо QR-рамз гузаронида шудааст, талаб намояд.

2.2.3. Танҳо баъди огоҳии хаттии Ташкилот на дертар аз 1(як) рӯзи корӣ, хизматрасониро ба Доранда боздорад.

**2.2.4.** Аз таҷҳизот (телефони мобилӣ) ва симкорти худ истифода намояд.

**2.3.** Ташкилот уҳдадор аст:

**2.3.1.** Дар ҳудуди нуқтаҳои сервисии-савдои Муассиса, Таҷҳизоти Ташкилотро бе ҳуқуқи соҳибмулкӣ, бо барасмият даровардани Санадҳои дахлдори қабулу супориши Таҷҳизот ҷойгир намояд ва бо мақсади дар оянда гузаштани тартиби Авторизатсиякунӣ онро дар мухлати бо Тарафҳо муқарраршуда, дар Низоми пардохтӣ ба қайд гузорад.

**2.3.2.** Фармоишҳо оид ба пардохти ғайринақдӣ тавассути воситаи электронии пардохтӣ ба ҳисоби Муассиса аз Дорандагон қабул намояд ва интиқол кунад.

**2.3.3.** На дертар аз 7 (ҳафт) рӯзи корӣ, аз санаи гирифтани Дархост оиди гузаронидани омӯзиши кормандони Муассиса, омӯзиши ҳайати кормандони Муассисаро гузаронад. Омӯзиш дар ҳудуди Муассиса ё ҳудуди Ташкилот гузаронида мешавад. Ба итмомрасии омӯзиши ҳайати кормандони Муассиса бо имзо шудани Санад оиди гузаронидани омӯзиш аз ҷониби Тарафҳо ба расмият даровардa мешавад.

**2.3.4.** Дар мухлати амали Шартнома таъмини сервисии Таҷҳизотҳоеро, ки Ташкилот ҷойгир кардааст, гузаронад.

**2.3.5.** Агар Таҷҳизот бо сабабҳои техникӣ аз кор баромада бошад ва он аз амали кормандони Муассиса вобаста набошад, онро аз ҳисоби худ таъмир намояд.

**2.3.6.** Фармоиши мизоҷ оид ба пардохтҳои ғайринақдии мол/хизматрасониро ба ҳисоби электронии Муассиса фавран амалӣ карда, оиди иҷро шудани фармоиш ва қабул шудани маблағ ба мизоҷ ва Муассиса фавран тасдиқнома ирсол намояд.

**2.4.** Ташкилот ҳуқуқ дорад:

**2.4.1.** Бо мақсади назорати риоя шудани муқаррароти Шартномаи мазкур ва Замимаҳои он, аз ҷониби ҳайати кормандони Муассиса, дар ҷойҳои ба фурӯш баровардани мол/хизматрасонии Муассиса санҷишҳо гузаронад.

**2.4.2.** Дар ҳолати мушоҳида шудани сатҳи баланди ғалатҳо ва/ё беэътиборшавии амалиётҳои тавассути воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашуда, омӯзиши такрории (иловагӣ) ҳайати кормандони Муассисаро бо ба имзо расонидани Санад, гузаронад.

**2.4.3.** Аз пардохтҳое, ки ба Муассиса дода мешавад, маблағи амалиётҳои тибқи банди 6.2. Фасли мазкур беэътибордонисташударо тарҳ кунад ва ё пардохт накунад.

**2.4.4.** Дар ҳолати пайдо шудани шубҳаи асоснок оиди гузаронидани амалиётҳои қаллобӣ бо воситаи Терминалҳо, ки Ташкилот дар Муассиса ҷойгир намудааст, бо воситаи QR-рамз, ки Ташкилот ба Муассиса иҷозати истифода бурданро додааст, кори Терминалҳо ва ё QR-рамзи Муассисаро муваққатан қатъ намояд ва ҳисоббаробаркуниро аз рӯи амалиётҳо боздорад, бо шарти расман огоҳ намудани Муассиса на дертар аз 1 (як) рӯзи корӣ. Ташкилот танҳо баъди қабули маълумотнома оиди ошкор шудан ва бартараф кардани сабабҳои гузаронидани амалиётҳои қаллобӣ дар шакл ва мазмуне, ки талаботи Ташкилотро қонеъ мегардонад, Терминал ва ё QR-рамзҳои дар боло овардашудаи Муассисаро аз муҳосира озод мекунад ва ҳисоббаробаркуниҳоро аз рӯи амалиётҳои тавассути ҳамин воситаи электронии пардохтӣ гузаронидашуда, барқарор менамояд.

## 3. ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ТАРАФҲО

**3.1.** Ташкилот воситаҳои пулии ҷамъбастшударо аз рӯи реквизитҳои Муассиса бо пули миллӣ-сомонӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тибқи Тартибот қабулшуда, мегузаронад.

**3.2.** Муҳлати гузаронидани маблағ ва андозаи ҳаққи хизматрасонии Ташкилот дар Замимаҳои дахлдор ба Фасли мазкур пешбинӣ шудааст.

**3.3.** Ҳаққи хизматрасонии Ташкилот дар вақти гузаронидани воситаҳои пулӣ ба Муассиса аз маблағи пардохтшаванда, дошта мешавад.

**3.4.** Агар гардиши семоҳаи амалиётҳои тавассути Кортҳои пардохтӣ гузаронидашуда, дар Терминалҳои Муассиса аз 10000 (Даҳ ҳазор) сомони зиёд набошад, Ташкилот метавонад, комиссияи худро аз нав (ба самти баландшавӣ)дида бароядд.

Агар Муассиса бо шартҳои нав розӣ нашавад, Ташкилот метавонад бо ташабусси худ Шартномаи мазкурро қатъ намояд.

**3.5.** Ташкилот аз пардохтҳое, ки бояд ба Муассиса гузаронад, маблағҳои зеринро тарҳ намекунад, ё ин ки ҷуброн наменамояд:

- маблағе, ки пештар аз ҷониби Ташкилот ба Муассиса саҳван ҷуброн шудааст;

- маблағе, ки пештар аз ҷониби Ташкилот ба Муассиса барои амалиётҳои аз Терминали Муассиса гузаронидашуда, ҷуброн карда шуда, нисбати онҳо аз ҷониби Эмитент тибқи тартиби НБП қонунан эътироз оварда шудааст;
- фарқияти ба миён омадаи маблағ (аз ҷониби Эмитент баҳсшуда) байни маблағи аз суратҳисоби Дорандаи корт барои амалиёти нодуруст гузаронидаи Муассиса, гирифташуда ва маблағе, ки баъди бекор кардани чунин амалиёт бо сабаби иваз шудани қурби асъори суратҳисоби кушодаи Дорандаи корт нисбат ба қурби доллари ИМА ба суратҳисоби Дорандаи корт баргардонида шудааст. Ин маблағ аз ҷониби Ташкилот бо пули миллӣ сомонӣ мувофиқи қурби муқарракардаи Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи ҳисоббаробаркунии Ташкилот бо Муассиса дошта мешавад.

**3.6.** Дар ҳолатҳое, ки агар дар давоми як моҳи тақвимӣ, маблағи умумии аз ҷониби Эмитент радшудаи амалиётҳои бо Терминали Муассиса гузаронидашуда аз
-2,5% (дую аз даҳ панҷ фоиз) аз маблағи умумии амалиёт ва/ё
-100 (сад) амалиёт ва/ё
-1% (як фоиз) аз шумораи умумии амалиётҳо зиёд шавад, Муассиса ба Ташкилот ҷаримаҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшударо, ки нисбати Ташкилот аз ҷониби НБП вобаста ба амалиётҳои радшудаи Эмитент бо Терминали Муассиса гузаронида шудааст, пардохт менамояд.

**3.7.** Гузаронидани ҳисоббаробаркунии Ташкилот бо Муассиса тибқи ҳуҷҷатҳои амалиётӣ вобаста ба амалиётҳои тавассути Корт гузаронидашуда маънои аз тарафи Ташкилот эътироф карда шудани гузаронида шудани амалиётҳоро дар Муассиса надорад.

## 4. ТАРТИБИ БОНУС (КЭШБЭК)

**4.1.** Тарафҳо метавонанд иқдоми (аксия) пешниҳоди бонус (кэшбэк)-ро ташкил намоянд. Дар ҷараёни иқдом (аксия) аз ҷониби Муассиса ё Ташкилот ба Дорандагон (дорандаи корти пардохтӣ, дорандаи замимаи мобилии "IMONLINE") аз маблағи умумии ҳаққи мол/хизматрасонии тариқи воситаи электронии пардохтӣ пардохтшуда, бонус (кэшбэк) пешниҳод карда мешавад.

**4.2.** Оғоз ва итмоми иқдом (аксия), ҳаҷми пешниҳоди фоизи (кэшбэк), тарафи пешниҳодкунандаи фоизи (кэшбэк) ва дигар шартҳо оид ба пешниҳоди бонус (кэшбэк) дар Замимаи дахлдор, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад, қайд карда шуда, бо имзои Тарафҳо ба расмият даровarда мешавад.

**4.3.** Тарафҳо метавонанд оид ба иқдоми (аксияи) пешниҳоди (кэшбэк) тариқи сомонаҳои расмии худ ва ё Васоити ахбори омма эълонҳо нашр намоянд.

## 5. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

**5.1.** Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои Шартномаи мазкур, Тарафҳо мутобиқи шартҳои Шартномаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

**5.2.** Дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби як Тараф, тарафи ҷабрдида ҳуқуқ дорад, аз Тарафи айбдор иҷрои уҳдадориҳои ба зиммааш вогузошта, инчунин ҷуброни зарари расонидашударо талаб намояд.
**5.3.** Зараре, ки ба Муассиса аз ҷониби ҳайати кормандони Муассиса дар натиҷаи риоя накардани Қоидаҳо ва дастури Ташкилот оиди кор бо Таҷҳизот расонида шудааст, бо айби худи Муассиса ба вуҷудомада ҳисоб шуда, Ташкилот онро ҷуброн наменамояд. Муассиса барои ҳаракатҳои ҳайати кормандони худ вобаста ба вайрон кардани муқаррароти Шартномаи мазкур ва/ё Замимаҳои он, ки сабаби иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои Муассиса мешаванд, ҷавобгар мебошад. Муассиса зарареро, ки дар натиҷаи вайрон шудани Таҷҳизот ба Ташкилот расонидааст, пурра ҷуброн менамояд.
**5.4.** Ташкилот барои саривақт нагузаронидани воситаҳои пулие, ки бояд ба Муассиса гузаронад, дар ҳолатҳои зерин ҷавобгар намебошад:

- аз ҷониби Муассиса саривақт пешниҳод нашудани Ҳуҷҷатҳо/дафтарҳои электронӣ ба Ташкилот;
- ба Ташкилот саривақт хабар надодани Муассиса оиди иваз шудани нишонаҳои (реквизитҳои) худ;
- аз ҷониби Муассиса бо вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур пешниҳод шудани Ҳуҷҷатҳо/дафтарҳои электронӣ;
- Сифати пасти алоқаи мобилӣ (интернет).

**5.5.** Муассиса барои ҳамаи амалиётҳое, ки Эмитент онҳоро амалиёти қаллобӣ эътироф кардааст (маблағи чунин амалиёт мумкин аст пардохт карда нашавад, ё аз пардохтҳои оянда Муассиса тарҳ карда шавад, инчунин мумкин аст ба ин маблағ талаботи пардохтӣ ба Муассиса пешниҳод карда шавад) ҷавобагрии молиявӣ дорад, агар ин амалиётҳо аз ҷониби корманди (хазиначии) Муассиса, ки тибқи банди дахлдори фасли мазкур омӯзиш нагузаштааст, гузаронида шуда бошанд.
**5.6.** Дар ҳолати барҳамхӯрии яке аз Тарафҳо, уҳдадориҳо вобаста ба Шартномаи мазкур дар ҳаҷми пурра ба ворислӣ ҳуқуқии Тарафи барҳамхӯрдашуда, мегузарад.

## ФАСЛИ 9. ХИЗМАТРАСОНИИ ФОСИЛАВИИ БОНКӢ БО ИСТИФОДА АЗ НИЗОМИ «ИНТЕРНЕТ БОНК»

### 1. МАТЛАБИ ХИЗМАТРАСОНИИ ФОСИЛАВИИ БОНКӢ БО ИСТИФОДА АЗ НИЗОМИ «ИНТЕРНЕТ БОНК»

**1.1. Ташкилот** хизматрасониии фосилавии бонкиро тавассути низоми «Интернет–бонк» (минбаъд–«Низом»), ба дорандагони суратҳисоби амонатии дархостӣ ва мӯҳлатноки шахсони ҳуқуқӣ ва ё соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод менамояд.
**1.2.** Шартномаи мазкур пайвастшавии Мизоҷ ба Низом ва шартҳои пешниҳоди хизматрасонии Низом тибқи «Коидаҳои хизматрасонии фосилавии бонкии **ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»** тавассути низоми «Интернет–бонк» (минбаъд –

«Қоидаҳо») ва Тарофаҳои Ташкилот муайян менамояд.

**1.3.** Ташкилот хизматрасониҳои мазкурро фосилавӣ (тавассути шабакаи ҳифзшавандаи Интернет) тариқи электронӣ, ки дар портали молиявӣ тавассути web-сайти расмии Ташкилот https://ibank.imon.tj бо шартҳои дар Шартнома муайян гашта пешниҳод карда мешавад, амалӣ мекунад.

## 2. ШАРТҲОИ УМУМӢ

**2.1.** Ташкилот ва Мизоҷ эътироф менамоянд, ки қабули ҳуҷҷатҳои электрониро бо 3 вариант: тариқи имзои электронии рақамӣ, тариқи СМС-код ё барномаи Google authenticator тасдиқшуда аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бо ҳуҷҷат дар ҳомили қоғазии бо имзоҳои дар варақа бо намунаи имзо ва нақши мӯҳр дарҷгашта ва тасдиқшуда баробар буда, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тибқи ҳуҷҷатҳои қоғазӣ бармеомадаро ба миён меоранд. Варианти тасдиқи ҳуҷҷатҳо аз тарафи мизоҷ дар дархости пайвастшавӣ ба низом муайян карда мешавад.

**2.1.1.** Дар ҳолате, ки бо варақаи бо намунаи имзо ва нақши мӯҳри Мизоҷ танҳо имзои якум пешбинӣ шуда бошад, шарти кофӣ барои хизматрасонӣ бо истифодаи Низом, гирифтани калид ва\ё иҷозати тасдиқ аз ҷониби яке аз маъмурони дорои имзои аввал ҳисоб мебошад.

**2.1.2.** Дар ҳолате, ки бо варақа бо намунаи имзо ва нақши мӯҳри Мизоҷ имзои дуюм пешбинӣ шуда бошад, шарти кофӣ барои хизматрасонӣ бо истифодаи Низом, гирифтани ду калид ва\ё иҷозати тасдиқ мебошад:

- аз ҷониби яке аз маъмурони ҳисоби дорои имзои якум;
- аз ҷониби яке аз маъмурони ҳисоби дорои имзои дуввум.

**2.2.** Тарафҳо эътироф менамоянд, ки низоми ҳифзи маълумот барои ҳифз аз дахолат бидуни иҷозат ва тасдиқи муаллифӣ ва аслӣ будани ҳуҷҷати электронӣ қофӣ мебошад, ки дахолати эҳтимолиро ба шахсони сеюм имконнопазир мегардонад.

**2.3.** Амалиёт тавассути Низом дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- супоришномаи пардохти бо асъори миллӣ;
- аризаи интиқоли маблағ бо асъори хориҷӣ;
- ариза барои хариди (фуруши) асъори хориҷӣ.
- супоришномаи пардохтӣ барои интиқол тавассути SWIFT

**2.4.** Хизматрасонии ҳамарӯза (ғайр аз рӯзҳои истироҳат ва ид) аз соати 08:30 то 16:00 амалӣ мегардад.

**2.5.** Қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳои электронӣ бо воситаи Низом, бидуни пешниҳоди онҳо дар намуди коғазӣ амалӣ карда мешаванд, ба истисноии ҳолатҳое, ки Ташкилот пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои коғазиро талаб намояд.

**2.6.** Мизоҷ тавсияҳои Ташкилотро оиди таркиб ва шакли воситаҳои барномавии-аппаратӣ, ки барои устувор кор кардани Низом заруранд, иҷро менамояд.

**2.7.** Ташкилот ба Мизоҷ оиди ба кор даровардани Низом ёрӣ мерасонад, кормандонашро меомӯзонад, тӯли амали Шартномаи мазкур оиди корбарӣ бо Низом маслихат медиҳад.

**2.8.** Ташкилот бо мақсади таъмини сертификати калидҳо ва бехатарии гузаронидани амалиётҳо, коршоямии Низомро таъмин менамояд.

**2.9.** Хизматрасониҳои иловагӣ вобаста ба хизматрасонии Низом (аз нав

генератсиякунии ғайринақшавии калидҳо, аз нав ба кор омода сохтани Низом ва ғайра), ки бо дархости Мизоҷ амалӣ карда мешаванд, пардохти хаққи хизмати иловагиро, ки бо Тарофаҳои Ташкилот муқаррар шудаанд, пешбинӣ менамояд.

## 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**3.1. Ташкилот ӯҳдадор аст:**

**3.1.1.** Амалиётҳои бонкиро дар асоси ҳуҷҷати электронии Мизоҷ дар муҳлати дар Шартномаи ҳисоби бонкӣ муқарраргардида, ба амал барорад.

**3.1.2.** Ҳангоми аз ҷониби Мизоҷ ворид гардидани ҳуҷҷатҳои электроние, ки бо вайрон намудани талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва шартҳои Шартномаи мазкур, хамчунин ҳангоми мавҷуд набудан ё носаҳеҳ будани тасдиқи барномаи Google Authenticator, СМС-рамз ё ИЭР-и Мизоҷ, ҳуҷҷатҳои электрониро иҷро накунад.

**3.1.3.** Ба дархости электронии Мизоҷ, ки бо воситаҳои Низом ба тартиб даровarда шудааст ва бо комплекси муҳофизатии маълумот, ки дар доираи Шартномаи мазкур истифода мешавад, коркард карда шудааст, ба тартиб дарорад:

- огоҳнома оиди натиҷаи коркарди ҳар як ҳуҷҷати электронӣ дар намуди тағйир ёфтани ҳолати ин ҳуҷҷат;
- маълумот оиди сабаби рад намудани қабули ҳуҷҷат дар ҳолати коркарди натиҷаи манфӣ;
- нусха аз ҳисоби ҷории Мизоҷ.

**3.1.4.** Дар ҳолати аз Мизоҷ гирифтани маълумот оиди компрометатсия то муайян намудани вазъият қабул, фиристонидан ва иҷроиши ҳуҷҷатҳо электрониро аз лаҳзаи гирифтани маълумот боздорад.

**3.1.5.** Дар ҳолати боздоштани амалиёти Низом оиди ин дар сомонаи расмии Ташкилот маълумот пешниҳод намояд ва мизоҷро огоҳ намояд.

**3.1.6.** Дар ҳолати зарурӣ дар асоси аризаи хаттии Мизоҷ дар муҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои электрониро дар қоғаз, ки аз ҷониби Мизоҷ бо воситаи Низом қабул шудааст, бо имзои шахсони ваколатдори Ташкилот ва нақши мӯҳри Ташкилот тасдиқ намояд.

**3.1.7.** Махфияти маълумотҳоро вобаста ба истифодаи Низом ба истиснои ҳолатҳои дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои Шартномаи мазкур пешбинишуда, нигоҳ дорад.

**3.1.8.** Оиди корбарӣ бо Низом кормандони Мизоҷ маслиҳатҳо диҳад, имконияти истифодаи хизматрасониҳои иловагии ахборотӣ-маълумотӣ, робитавӣ ва ғайраро муҳайё созад.

**3.1.9.** Нигоҳдории (бойгонии) ҳуҷҷатҳои электрониро, мувофиқи муҳлатҳои бо санадҳои меъёрии БМТ муқарраршударо таъмин намояд.

**3.1.10.** Бо гузаштани мӯҳлати истифодабарӣ, калидҳои ИЭР-и Мизоҷро иваз намояд.

**3.2. Мизоҷ ӯҳдадор аст:**

**3.2.1.** Муқаррароти Шартномаи мазкурро риоя намояд.

**3.2.2.** Бо истифодаи Низом омода сохтани ҳуҷҷатҳои электронӣ дар асоси нусхаи аввали аслии ҳуҷҷат.

**3.2.3.** Ба воситаи Низом ирсол намудани ҳуҷҷатҳои электронии бо тасдиқи

барномаи Google Authenticator, СМС рамз ё имзои саҳеҳи ИЭР.

**3.2.4.** Махфияти маълумоти иҷозатҳои воридшавӣ ва дар барандаи калид мавҷудбударо таъмин намояд.

**3.2.5.** Дар ҳолати осеб дидани файли сертификати калиди имзо ва компроментатсия фавран ба воситаи телефон бо баёни калимаи блоккунӣ ва нишондоди вақти боздошт кардани амалиёт Ташкилотро огоҳ созад. Дар давоми як рӯзи корӣ ба Ташкилот дархост оиди ивази калиди ИЭР ё иваз намудани маълумотҳои ба барномаи Google Authenticator ё СМС-рамз вобастабударо пешниҳод намояд.

**3.2.6.** Дар давоми панч рӯз аз санаи қабули талаботи Ташкилот ҳуҷҷатҳои электронии тавассути Низом ба Ташкилот ирсолнамударо дар барандаи қоғазӣ пешниҳод намояд. Ҳуҷҷатҳои мазкур бояд имзои шахсони ваколатдори Мизоҷ ва нақши мӯҳри Мизоҷро доро бошанд.

**3.2.7.** Дар ҳолати зарурияти пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба мақомотҳои дахлдор, ба Ташкилот нусхаҳои чопшудаи ҳуҷҷатҳоро барои гузоштани мӯҳри Ташкилот пешниҳод намояд.

**3.2.8.** Ҳуҷҷатҳои электронии бо ИЭР, Google Authenticator ё СМС-рамз тасдиқ шударо, мувофиқи муҳлатҳои бо санадҳои меъёрии БМТ муқарраршударо нигоҳ дорад.

**3.2.9.** Дар ҳолати ба воситаи Низом қабул кардани хабарномаи иттилоотии Ташкилот оиди ивази таъминоти барномавӣ, оиди қабули саривақтӣ ва ҷобаҷогузории намуди нави таъминоти барномавӣ чораандешӣ намояд.

**3.2.10.** Оиди ҳамаи дигаргуниҳои дар варақа бо намунаи имзо ва нақши мӯҳри воридгашта Ташкилотро фавран огоҳ намояд. Иваз шудани варақа бо намунаи имзо ва нақши мӯҳр, барои боздошти мубодилаи маълумот ба воситаи Низом ва ивази калидҳо ва\ё иҷозатҳо асос мебошад. Ивази калидҳо ва\ё иҷозатҳои тасдиқ дар асоси дархост оиди ивази калиди ИЭР ва\ё иҷозат, дар як вақт бо ивази варақа бо намунаи имзо ва нақши мӯҳри Мизоҷ амалӣ карда мешавад.

**3.3. Тарафҳо ӯҳдадоранд:**

**3.3.1.** Дастрасии воситаҳои барномавӣ-техникиро барои шахсони сеюм маҳдуд сохта, танҳо ба соҳибони калидҳо ва\ё иҷозатҳо дастрасии истифодаи калидҳо ва\ё иҷозатҳо ва гузаронидани амалиётҳоро таъмин намоянд.

**3.3.2.** Ҳангоми компроментатсия ивази ғайринақшавии калидҳоро ва\ё иҷозати тасдиқ амалӣ намуда, дар як вақт мубодилаи электронии маълумотро боздоранд.

**3.3.3.** Дар ҳолати аз кор баромадани воситаҳои барномавию аппаратии Низом ё унсурҳои ҷудогонаи он ва ё дар ҳолатҳои имконнопазир гаштани пешниҳод (истифода)-и хизматрасонии дар боби 1-и фасли мазкур дарҷгашта, ки сабаби боздошти истифодаи Низом мегардад, хар як тараф ӯҳдадор аст, дар давоми як рӯзи корӣ тарафи дигарро бо ҳар рохи мавҷудбуда огоҳ созад ва дар давоми ду рӯзи корӣ ахбороти хаттӣ оиди омодагӣ ва муҳлатҳои аз нав барқарор намудани мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ирсол намояд. Дар давоми муҳлати боздошт шудани истифодаи Низом, мубодилаи ҳуҷҷатҳо ба воситаи барандаи қоғазӣ ва ё дигар низому воситаҳои алоқаи бо шартномаи ҳисоби бонкӣ пешбинишуда амалӣ карда мешавад.

**3.4. Ташкилот ҳуқуқ дорад:**

**3.4.1.** Аз Мизоҷ иваз намудани калидҳои ИЭР-ро ва\ё иҷозатҳои тасдиқро ҳангоми гузаронидани ивази нақшавии калидҳои ИЭР, иваз шудани шахсони ваколатдори идоракунандаи ҳисоб, компроментатсия инчунин дар ҳолати зарурияти гузаронидани корҳои регламентӣ вобаста ба хизматрасонии воситаҳои барномавӣ-аппаратии Низом талаб намояд.

**3.4.2.** Хизматрасониҳоро қатъ созад, дар ҳолати ошкор шудани ҳаракатҳои сканеркунӣ, ҳамла ба захираҳои иттилоотии Ташкилот, инчунин ҳангоми ошкор шудани дигар нишонаҳои вайрон кардани бехатарӣ бо истифодаи воситаҳои барномавӣ-аппаратии Мизоҷ ва ё иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои шартномаи мазкур, аз ҷумла:

- ба Ташкилот ирсол намудани ҳуҷҷатҳои электронӣ бо аломатҳои вайрон намудани талаботҳои ҳифзи криптографии маълумот;
- ошкоркунии калидҳои ва\ё иҷозатҳои тасдиқ пӯшида ба шахсони сеюм, новобаста аз сабабҳо;
- вайрон кардани тартиби дар Регламенти хизматрасонии кори Низом пешбинишуда.

**3.4.3.** Тариқи беаксептӣ аз ҳисоби дар Ташкилот кушодашудаи Мизоҷ маблағҳои қарзи пардохти хизматрасониҳои Ташкилот, инчунин пардохтҳои хизматрасониҳои иловагиро аз ҳисоб барорад.

**3.4.4.** Баъд аз огоҳии пешакӣ, дар ҳолати ошкор шудани амалиётҳои шубҳаноки Мизоҷ, қабули ҳуҷҷатҳои электронии Мизоҷро рад намояд.

**3.4.5.** Дар ҳолати махкам шудани суратҳисобҳои бонкӣ, Шартномаи мазкур тариқи автоматӣ бекор карда мешавад.

**3.5. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:**

**3.5.1.** Аз Ташкилот саривақт гузаронидани амалиётҳои бонкиро тибқи ҳуҷҷатҳои электронии ирсолнамудааш талаб намояд, ба шарте, ки тартиб додани ҳуҷҷатҳо ба талаботҳои пешбининамудаи Шартномаи мазкур ва Регламенти хизматрасонӣ ҷавобгӯ бошад.

**3.5.2.** Дар ҳар вақт, тибқи дархости ба Ташкилот ирсол намудааш, иҷозатҳои тасдиқро ва\ё калидҳои ИЭР-ро иваз намояд.

**3.5.3.** Ҳуҷҷати электронии каблан ирсолнамударо, ки ИЭР-и саҳеҳ дорад, бо роҳи ба Ташкилот тавассути Низом ирсол намудани ахбороти бо ИЭР ҳифзшуда бозхонд кунад, ба шарте, ки Ташкилот тибқи ҳуҷҷати электронии қаблӣ маблағҳои пулиро аз ҳисоби Мизоҷ набароварда бошад.

## 4. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

**4.1.** Барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои шартномавӣ тарафҳо мувофиқи қонунгузории амалкунанда ҷавобгарӣ бар дӯш доранд.

**4.2.** Дар ҳолати аз ҷониби Мизоҷ иҷро нашудани талаботҳои банди 3.2.5-и фасли мазкур, Ташкилот аз ҷавобгарӣ барои ҳисорот дидани Мизоҷ, ки дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳо бо суратҳисоби Мизоҷ ба миён омадаанд, озод мебошад.

**4.3.** Ҷавобгарӣ барои дуруст тартиб додан ва саривақт ирсол гаштани ҳуҷҷатҳои электронӣ пурра ба зиммаи Мизоҷ гузошта мешавад. Ташкилот аз ҷавобгарӣ

барои ба таъхир афтодани иҷрои фармоиши Мизоҷ, ки дар натиҷаи саривақт ирсол накардан ва ё хилофи талаботҳои муқарраршуда тартиб дода шудани ҳуҷҷатҳои электронӣ ба миён меоянд, озод мебошад.

**4.4.** Барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, Ташкилот ба андозаи 0,1% аз 1 (як) нишондиханда барои пардохтҳо, барои ҳар як рӯз, аммо на бештар аз 2 (ду) нишондиханда барои пардохтҳо, ҷарима месупорад.

**4.5.** Ташкилот аз ҷавобгарӣ барои кори носаҳеҳи таҷҳизот ва воситаҳои барномавии Мизоҷ, ки дастрасии Мизоҷро ба Низом имконнопазир гардонида, боиси ба таъхир афтодани пардохтҳои Мизоҷ гаштаанд, инчунин барои маҳви эҳтимолии (қисман ё пурра) маълумоти дар воситаҳои ҳисоббарории Мизоҷ мавҷудбуда, ки ба шабакаи Интернет барои таъмини хизматрасонӣ васл шудаанд, озод мебошад.

**4.6.** Дар ҳолати байни Ташкилот ва Мизоҷ ба миён омадани ихтилофотҳо вобаста ба истифодаи Низом, тарафҳо ӯҳдадоранд, ки ихтилофотҳоро баррасӣ намоянд. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ва мубоҳиса ҳал нагардидани баҳсу ихтилофҳо Тарафҳо ҳуқуқ доранд, масъалаи баҳсиро, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд равона намоянд.

## ФАСЛИ 10. ҲОЛАТҲОИ ҒАЙРИЧАШМДОШТ

**1.1.** Тарафҳо барои қисман ва ё пурра иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки аз Шартномаи мазкур бармеоянд, аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агар ин кирдор дар натиҷаи ба вуҷуд омадани қувваи рафънопазир баъди бастани Шартномаи мазкур ба вуҷуд омада бошад, ки тарафҳо наметавонистанд онро пешбинӣ ва бартараф намоянд. Ба чунин вазъиятҳо дохил мешаванд: обхезӣ, сӯхтор, заминҷунбӣ, инчунин ҷанг, амалиёти ҳарбӣ ё амали мақомотҳои давлатӣ новобаста аз салоҳият (юрисдиксия) ва ё дигар вазъияти шабеҳ, ки аз иродаи Тарафҳо вобаста намебошанд.

**1.2.** Дар ҳолати ба вуҷуд омадани чунин вазъият тарафҳо ӯҳдадоранд дар муддати 5 (панҷ) рӯзи тақвимӣ тарафи дигарро хаттӣ огоҳ намояд. Дар огоҳинома бояд маълумотҳо оид ба тавсифи вазъият ва вобаста ба имконият арзёбии таъсири он ба имконияти аз ҷониби тарафҳо иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур дарҷ гардида бошад. Огоҳ накардан ва ё саривақт огоҳ накардан Тарафҳоро аз ҳуқуқи дар оянда ба вазъияти дар боло зикргардида иснод кардан, маҳрум менамояд.

**1.3.**Ҳангоми пешниҳоди қарз агар ҳолатҳои ғайричашмдошт рух диҳанд, бо розигии тарафайн шартҳои иҷрои ӯҳдадориҳои "Қарзгиранда"-ро тибқи Созишномаи иловагӣ ба Шартномаи қарзи хурд тағйир диҳанд ва мӯҳлати иҷрои онро муайян намоянд (тамдиди қарз, боздошти ҳисоби фоиз ва ҷарима, тағйир додани тартиби пардохти қарз ва додани мухлати имтиёз барои пардохти қарзи асосӣ).

## ФАСЛИ 11. ШАРТҲОИ ДИГАР

**1.1.** Маълумот оиди соҳиби ҳисоб, мушаххасоти ҳисоби ӯ, дар бораи амалиётҳои гузаронидашуда аз рӯи ҳисоб ва бақияи маблағи ҳисобро аз ҷониби Ташкилот

мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сирри бонкӣ махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

**1.2.** Масъалаҳое, ки бо Шартномаи мазкур ба танзим дароварда нашудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда мешаванд.

**1.3.** Ҳамаи баҳсҳое, ки аз Шартномаи мазкур ё шартномаҳо/дархостҳо/аризаҳо, ки дар доираи он баста шудаанд, ба амал меоянд, бо роҳи гуфтушунид байни Тарафҳо ҳаллу фасл карда мешаванд. Дар ҳолати баҳс ҳалли худро тариқи гуфтушунид наёбад, он тариқи судӣ ҳал карда мешавад.

**1.4.** Шартномаи мазкур дар шакли электронӣ дар сомонаи расмии "Ташкилот" www.imon.tj ва дар замимаи мобилии ҳамёни электронии "IMONLINE" ҷойгир карда шуда,шакли чопии он дар овезаҳои махсус воқеъ дар марказҳои хизматрасонии "Ташкилот" ҷойгир карда шудааст.

**1.5.** Шартномаи мазкур баъди аз ҷониби Мизоҷ гузоштани хитоб (клик) дар шакли электронӣ ва\ё бо талаби Мизоҷ дар шакли чопии он гузоштани имзо ҳамчун басташуда эътироф карда мешавад.

**1.6.** Маълумоти тамосии "Ташкилот": ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ". Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 2. РМА 510020687. Телефон: 11-22.